# Фирӯза

№ 1–2
2024
«Занони Тоҷикистон»,
Таъсис аз соли 1932





Дар даврони соҳибистиқлолӣ ҷавонон бояд як нуктаро дарк намоянд, ки хизмат ба Ватан – Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбия, ҷасорат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Ҳимояи амну амнияти мардум вазифаи артиши неруманд аст, ки аҳаммияти ҳифзи марз ва ҳаёти осоиштаро ҳассостар дарк месозад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам
Эмомалӣ Раҳмон

# СИПАРИ БОЭТИМОДИ ВАТАН

***«Сулҳу ваҳдат бароямон дастовардҳои бузургтарин буда, барои ҳимоя ва устувор мондани арзишҳои муҳим минбаъд низ тамоми саъю талоши худро равона месозем ва ин неъмати бузургро чун гавҳараки чашм эҳтиёту ҳифз менамоем»***

***Эмомалӣ Раҳмон***



*Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ироаи Паёми ҳамасолаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид менамоянд, ки воқеоту таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар яки моро ҳушдор месозад, ки зиракии сиёсӣ, омодагии доимӣ, худогоҳию эҳсоси баланди ватандӯстӣ муқаддас доштану ҳифз намудани арзишҳои истиқлоли давлати соҳибистиқлоламонро аз даст надиҳем.*

Дар шароити мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир ҳимояи ганҷи бебаҳои озодӣ кори осон нест. Таҳкиму ҳифзи Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ аз ҳар яки мо нангу номуси ватандорӣ, меҳнату фидокорӣ иттиҳоду ҳусни тафоҳум талаб мекунад.

Барои ҳимояи марзу бум, ҳифзи суботу оромӣ ҳар яки мо фарди ватандӯсти миллат бояд ҳушёр ва дар ин раванд ба таблиғи худшиносию рушди неруи зеҳнии ҷомеа, меҳандӯстию ғурури миллӣ ва ифтихори баланди ватандорӣ саҳмгузор бошем, чунки бе суботу оромӣ ягон ҷомеаи ҷаҳон рушд намеёбад ва номи худро ба нестӣ рақам мезанад.

Имрӯз дар қатори мардони бонангу ор бонуи тоҷик низ зери парчами сиёсати хирадмандонаи Пешвои хеш либоси ҳарбӣ ба бар намуда, бо ифтихор савганди садоқат ба забон мебарад. Гурдофаридони меҳан ҳар лаҳза омодаанд, ки бахри дифои марзу буми сарзамини худ, таъмини амнияти кишвар, волояти қонун ва тартиботи ҷамъиятӣ ҳушёрию зиракии сиёсиро ба кор бурда, ҷони хешро дар ҳимояи Ватан сипар намоянд. Истиқлолу иттиҳоди миллатро чун бақои ҳастии миллат ба қиммати ҷон ҳифз кунанд.

Мо дар симои ин бонувони қавиирода ҳомиёни боэтимод ва муҳофизони далеру шуҷои марзу бумро мебинем. Ин бонувони шердилу матинирода ба савганди хеш содиқ монда, рисолати фарзандии худро дар назди миллату Ватан сарбаландона адо намуда, донишу таҷриба, малакаву маҳорати хешро ба хотири ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли Ватан сафарбар мекунанд.

Мо Рӯзи таъсисёбии артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки сипари боэтимоди Ватан аст, ба ҳамдиёрон ва ин бонувони бонангу номус ва шуҷоъю матинирода табрик гуфта, барояшон дар ин ҷодаи пурифтихор бурдборию муваффақият таманно дорем.

**«Фирӯза»**

# ПАРЧАМИ ИФТИХОР

**Зан дар таърихи сиёсии халқу миллатҳои ориёӣ, бахусус, тоҷикон аз деринаҳои бостон то рӯзгори ин замон ҳамеша аз мақому мартабаи шоистаи шаъни волои хеш бархурдор будааст.**



*Озода Раҳмон*

Шоирону нависандагони классики мо дар осори гаронмояи ирфонӣ ва ошиқонаи хеш хубиҳо ва некиҳои занро ба беҳтарин шеваҳои баён иншо намудаву сурудаанд. Аммо дар "Шоҳнома"-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ, ки асаре қаҳрамонию ҳамосӣ аст, зан ба ғайр аз намоди ишқу муҳаббату меҳрубонӣ, ҳамчунин, дорои нақше таърихӣ ва сиёсӣ аст. Ба назари муҳаққиқон 24 зан дар "Шоҳнома" дорои нақшҳои калидӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва умури давлатдорӣ будаанд, ки Орзу, Озода, Арнавоз, Шаҳрнавоз, Озармидухт, Пӯрондухт, Таҳмина, Ҷарира, Рӯдоба, Судоба, Синдухт, Фаронак, Фарангис, Катоюн, Гурдофарид, Гулшаҳр, Моҳофарид, Манижа ва Ҳумой аз зумраи онҳоянд. Ин номҳо дар рӯйхати номҳои занонаи тоҷикӣ ба хотири зебоӣ ва шуҳрати асотирию таърихиашон аз зумраи серистеъмол-

тарин ва маҳбубтарин номҳои занона маҳсуб мешаванд. Ин номҳо достонҳои қаҳрамонони худро ҳамешаву пайваста дар миёни ҷомеа ва зеҳни мардум мечархонанду ба ёд меоваранд. Онҳо пайванди дирӯзу имрӯзи миллат ва машъали ифтихори занону бонувони миллати тоҷиканд. Ин номҳоро вақте ба забон меорему онҳо садо медиҳанд, ба мардум ин паём илқо мешавад, ки зан-бонуи тоҷик аз ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷомеаи мо ҳеҷ гоҳ дар канор набуд. Ҳамеша фаъол буд, ҳамеша масъулият дошт.

Аз феҳристи номҳои мазкури таърихӣ имрӯз мо Озодаро дорем, Озода Раҳмонро, ки дар муҳимтарин давраи таърихии давлатдории навини миллии тоҷикон – даврони Истиқлол, ҳамеша номи баландаш медурахшад. Ба таъбири дигар, исми ин бонуи муваффақ имрӯз дар садри феҳристи номҳои занони сиёсатмадори тоҷик қарор дорад. Ин бозгӯйи он аст, ки зани тоҷик бо гардиши чархи таърих асолати хешро аз даст надодаасту дар баробари рисолати ҳамсарию модарӣ дар паҳлуи родмардони Ватан баҳри таҳкими Истиқлоли давлатӣ, бунёди ҷомеаи шоистасолори инсонӣ, таъмини рӯзгори амну осудаи мардум ва ояндаи бошарофати миллату Меҳан бо тамоми ҳастии хеш заҳмат мекашад.

Албатта, дар миёни ҷомеаи маданӣ ин нуктаи назар низ вуҷуд дорад, ки чун ӯ духтари Президенти кишвар аст, барои боло рафтан бо нардбони мансабӣ шароит ва имтиёзҳо дорад. Чаро ӯ бонуи сиёсат набошад? Посухи ин суолро аз таърифи таъбири "бонуи сиёсат" бояд пайдо кард. Агар дар ниҳоди зан гавҳари истеъдоди сиёсӣ нуҳуфта набошад, танҳо бо доштани имтиёзоту мавқеъ ва мартабаи сиёсӣ ҳеҷ бонуе наметавонад вориди арсаи сиёсат шавад. Далели ин гуфта ҳам ин аст, ки дар ҷаҳони имрӯз сарварони давлатҳои зиёде ҳастанд, ки духтарони босаводу бомаърифат доранд. Вале кам касоне аз он бонувон вориди арсаи сиёсат мешаванд. Бештаринашон ё мисли аксари бонувон машғули зиндагии хонаводагии хешанд, ё касбу пешае доранд ва ё ба тиҷорате машғуланд. Зеро зан агар иродаи устувори сиёсӣ надошта бошад, бо вуҷуди донишу маърифати баланд низ ба умури сиёсӣ чандон рағбат нишон нахоҳад дод. Аз сӯйи дигар, масъулияти азими ҳамсар ва модар будан, ки аз рӯйи аҳаммияти худ камтар аз вазифаи давлатӣ нест, дар аксари мавридҳо садди роҳи ворид шудани бонувон ба арсаи сиёсат мегардад. Ба ин нукта низ бояд таваҷҷуҳ кард, ки ворид шудан ба арсаи сиёсат ин танҳо аввали кор аст. Амри муҳим дар ин майдон муваффақ будану пойдор мондан дар ифои вазифа аст. Яъне як бонуи ҳушманду мудаббир қабл аз оғози кор анҷоми онро дар назар мегирад.

Бинобар ин, бону Озода қабл аз он, ки вориди арсаи сиёсат шавад, дар марҳалаи нахуст шахсияти маънавӣ ва сиёсии хешро ташаккул дод ва худро ба ин имтиҳони сангини зиндагӣ омода сохт. Ӯ солҳои 1995-2000 дар Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон ва солҳои 2004-2006 дар донишгоҳҳои Ҷорҷтаун ва Мериленди ИМА таҳсили тахассус намуд ва сипас, дониши андӯхтаи хешро бар маҳаки таҷриба зад.

Бояд иқрор кард, ки бону Озода Раҳмон аз зумраи бонувони донишвару дурандеш ва муваффақ аст. Зеро ӯ дар таҷриба собит намуд, ки дар амалӣ намудани иқдому ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши сазовор дорад. Худаш, ки масъулиятшиносу ташаббускор аст, ташаббускоронро даст мегираду гиромӣ медорад.

Бо ибтикори ин бонуи масъулиятшинос шиносномаҳои биометрӣ ва кортҳои идентификатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ гардида, тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ гардонида шудааст.

Ин воқеият низ аз назари ҷомеа дур намондааст, ки маҳз, дар давраи фаъолияти Озода Раҳмон дар Вазорати корҳои хориҷӣ бо ибтикор ва роҳбарии ӯ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти консулӣ такмил гардиданд. Аз ҷумла, дар ин давра «Қоидаҳо оид ба тартиби барасмиятдарорӣ ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ», «Қоидаҳои додани шиносномаҳои хориҷии дорои ҳомили электронии маълумот ва Шаҳодатномаи бозгашт ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия шуданд, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Имрӯз Озода Раҳмон ҳамчун як зани ботаҷриба ва хушсаводу боиффати тоҷик роҳбарии яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатии кишвар – Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бар дӯш дорад. То ӯ ҳеҷ бонуе дар ин маснад кор накардааст. Дар ин самт ӯ нахустин бонуест, ки кори мардонро мекунад ва дар ин ҷода муваффақ низ мебошад. Пирӯзӣ ва муваффақияти эшон дар ифои ин масъулияти бузурги давлатӣ мутааллиқ танҳо ба худи ӯ нест. Муваффақиятҳои ӯ дастоварди ва ифтихори ҳамаи бонувони Тоҷикистон аст. Зеро ӯ ҳамаи бонувони сарбаланд ва озодаи тоҷикро дар ин сатҳи баланд намояндагӣ мекунад. Муваффақиятҳо ва пирӯзиҳои бонуи сиёсат Озода Раҳмон дастоварди давлати соҳибистиқлоли тоҷик аст, ки мақому мартабаи зан – модарро арҷ мегузорад ва гиромӣ медорад.

Зиҳӣ, бонуи сарбаланди тоҷик, ки номбардори падару модар ва давлату миллати хеш ҳастед!

**Раҳмоналӣ Мирализода,**
*Сардори раёсати табъу нашр*
*ва матбуоти Вазорати фарҳанг*

# НАҚШИ ЗАН ДАР МЕҲВАРИ ПАЁМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

***Мо ҳамеша ба неруи созандаи занону бонувони ватандӯсту ободгари кишвар такя мекунем ва нақши онҳоро дар устувор гардонидани оила, тарбияи шоистаи фарзандони боадабу соҳибмаърифат, инчунин заҳмату талошҳои пайгиронаи онҳоро дар рушди мамлакат басо арзишманд мешуморем.***

***Эмомалӣ Раҳмон***




Дар Паёми имсолаи худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи паҳлуҳои мубрам ва муҳимми ҷомеаро баррасӣ намуданд. Дар Паём дастовардҳои назарраси ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Аз ҷумла, Пешвои миллат иброз доштанд, ки сатҳи камбизоатии мардум аз 83 фоизи соли 1999 дар соли 2023 ба 21,2 фоиз поён оварда шуд, вале гарчанде ин ниҳоят дастоварди хуб аст, аммо зарур аст, ки дар 7 соли охир ин нишондод бояд то ба 10 фоиз расонида шавад.

Сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин давра имкон дод, ки мақому манзалати зан дар ҷомеа боз ҳам баланд бардошта шавад. Дар замони марҳалаҳои навин ягон самти фаъолиятро бидуни ширкати фаъоли занон тасаввур намудан ғайриимкон аст. Хусусан саҳми онҳо дар бахшҳои илму маориф, фарҳангу тандурустӣ ва дигар самтҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар торафт афзун мегардад. Ҳамзамон ҷиҳати баланд бардоштани ҳуқуқ ва озодиҳои занону модарон, ҷалби васеи онҳо ба раванди татбиқи сиёсати давлатӣ, интихобу тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувон рӯз аз рӯз такмил ёфтаву равиши тоза гирифта истодааст.

Барои ҳамин дар Паёми Пешвои муаззами миллат ба ин масъала, махсусан нақши занону бонувон дар пешрафти ҷаҳони муосир диққати вижа дода шуда, саҳми назарраси онҳо дар рушду нумӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таври махсус таъкид ёфтааст. Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш чунин таъкид намуданд: "*Мутаассифона ҳанӯз дар ҷомеа ашхосе мавҷуданд, ки барои ба таълим фаро гирифтани духтарон монеъ мешаванд. Мо дар даврони соҳибистиқлолӣ мақоми занонро дар ҷомеа марҳала ба марҳала баланд бардошта, барои онҳо шароити муносиби фаъолиятро фароҳам овардем. Ин аст, ки имрӯз занону бонувони тоҷик ба хотири рушди кишвари азизи худ дар ҳамаи соҳаҳо, махсусан дар сафи Қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ содиқона хизмат карда истодаанд*".

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фарогирии духтарон ба таҳсил, касбомӯзии онҳо дар муассисаҳои гуногуни таълимии касбии дохилию хориҷӣ низ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоиву миёна ва олии касбӣ, аз ҷумла дар хориҷи кишвар ҳазорҳо нафар

духтарони боистеъдоди мо ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Аз 41 ҳазору 232 нафар донишҷӯёни тоҷик, ки ҳоло дар давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд, беш аз 11 ҳазор нафарашонро духтарон ташкил медиҳанд. Аз 3 ҳазору 300 нафар ҷавононе, ки соли ҷорӣ танҳо тавассути Маркази барномаҳои байналмилалии назди Вазорати маориф ва илм ба хориҷи кишвар барои таҳсил рафтаанд, 30 фоизашон духтарон мебошанд. Ҳамзамон, дар даҳсоли охир 11 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро танҳо тариқи квотаи президентӣ хатм карданд. Маҷмуан дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм намуда, соҳибмаълумот гардиданд. Ин дастоварди назаррас дар самти маориф ва сиёсати ҳукумати кишвар марбут ба ҳуқуқу мақоми занҳо дар ҷомеаи муосир мебошад. Пеш аз замони соҳибистиқлолӣ тибқи маълумоти оморӣ, масалан соли 1989 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 66 ҳазор нафар занони маълумоти олӣ буданд.

Ба замми он, Пешвои миллат ҳангоми суханронии худ таъкид намуданд, ки имрӯз шумораи зиёди бонувони мо ҳамчун соҳибкорони муваффақ шинохта мешаванд ва бо бонкҳову муассисаҳои гуногуни молиявӣ сару кор доранд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда то 30% афзоиш ёфта ба 4,8 миллиард сомонӣ расидааст.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи зиёди занону бонувони лаёқатманду баландихтисос ба хизмати давлатӣ ва корҳои идоракунӣ ҷалб гардидаанд ва ин раванд минбаъд низ бо вусъати тоза идома хоҳад ёфт. Нақши занону бонувон дар пойдории сулҳу субот, ҳифзи арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди фарзандон тарбия намудани ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, инсондӯстиву масъулиятшиносӣ, инчунин, пешгирӣ кардани омилҳои номатлуби иҷтимоӣ низ дар ҷомеаи муосири мо хеле муассир аст.

Пешвои муаззами миллат иброз доштанд, ки “мову шумо нафақат дар як Рӯзи модар, яъне 8- уми март, балки бояд ҳамеша ва доимо нисбат ба модарону хоҳарон ва духтарони худ ғамхору меҳрубон бошем. Бовар дорам, ки бонувони арҷманди мо минбаъд низ дар риояи муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим”, “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, ба ҳаёти мустақилона омода намудани фарзандон, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва беҳтар гардидани зиндагии ҳар як оилаи мамлакат нақши арзишманди худро мегузоранд”.

Пешвои муаззами миллат инчунин қайд намуданд, ки ғамхорӣ нисбат ба ҷавонон, ки шумораи зиёди онҳоро духтарон ташкил медиҳанд, ҳалли мушкилоти онҳо ва истифодаи дурусти ин неруи бузурги стратегии миллӣ барои пешрафту ободии Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа яке аз афзалиятҳои асосии Ҳукумати кишвар ба шумор меравад. Ҳаминро бояд фаромӯш накард, ки шумораи бештари аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд.



Тавре мебинем, чун анъана, Пешвои миллат дар Паёми навбатии хеш натиҷаҳои бадастовардаро дар самти сиёсати муносибат ба занону бонувон мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, онро қаноатбахш ҳисобиданд. Аммо, таъкид намуданд, ки ҷалби минбаъдаи бонувон ба корҳои давлативу ҷамъиятии кишвар боиси вусъати тоза ёфтани рушду нумӯи минбаъдаи он хоҳад гашт.

Зан оинаи поку беғубор, инъикоси симои зоҳирӣ ва ботинии ҳар халқу миллат ва давлат аст. Ба ин маънӣ занону бонувон оинаи чеҳранамои Тоҷикистон ҳастанд, ки сатҳи хираду маърифат, одобу ахлоқ, камолоту пешрафт, гузашта ва имрӯзу оянда миллату давлати моро дар худ таҷассум мекунанд. Орзу мекунем, ки он оина ҳамеша покизаву мусаффо, зебову пурҷило ва беосебу ҷаҳоноро бошад.

Мо занону бонувон суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар зиндагӣ раҳнамои худ қарор дода, бо азми комил дар ободиву гулгулшукуфоии ватани азизамон сайъ менамоем. Бо ҷонибдории ҳаматарафа аз сиёсати хирадмандона ва фарҳангпарваронаи Пешвои муаззами миллат мо, бонувони тоҷик эътимоди комил дорем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ бо дастовардҳои иқтисодиву сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии хеш мавқеи боз ҳам устуворро касб менамояд.

**Шоиста Исматзода,**
*ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

# Сада – ҷаҳонӣ шуд!

**Имсол Тоҷикистон ҷашни Садаро, ки ба феҳристи ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид, дар сатҳи ҷаҳонӣ бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамояд.**



*Сада ҷашни мулуки номдор аст,*
*Зи Афредуну аз Ҷам ёдгор аст.*

Имсол Тоҷикистон ҷашни Садаро, ки ба феҳристи ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид, дар сатҳи ҷаҳонӣ бо шукӯҳу шаҳомати хос таҷлил менамояд.

Дар аввалҳои моҳи декабри соли гузашта, дар шаҳри Касани Ҷумҳурии Ботсвана, ҷаласаи 18-уми Кумитаи байнидавлатӣ доир ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии ЮНЕСКО баргузор шуд. Дар ин ҷаласа намояндагони кишварҳои узви Конвенсия ширкат намуда, номинаи муштараки Тоҷикистон ва Эрон – “Ҷашни Сада” ва номинаи Тоҷикистон, Эрон, Узбекистон ва Туркия – “Тазҳиб - санъати зарҳалкорӣ” ба феҳристи мероси ғайримоддии башарият сабт шуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ эҳёи ҷашну маросимҳои бостонии ориёӣ ва дар шароити ҷаҳонишавӣ ва таҳоҷуми фарҳангиву маънавӣ, оммавӣ намудани ҳар кадоми онҳо, бахусус, ҷаҳонӣ шудани Ҷашни Сада паёме барои насли ояндаи мо аст. Барои мардуми тоҷик Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки анъанаҳои фарҳангӣ ва ҷашнҳои миллии худро мутобиқ бо шароити замонавӣ таҷлил намояд.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як Паёми хеш дар иртибот ба ҷашни Сада ишора кардаанд, омадааст: “Сада моҳиятан ҷашни кишоварзон буда, ба марди деҳқон аз наздик шудани фасли баҳору оғози корҳои саҳро хабар медиҳад ва аҳли заҳматро ба андешаи давраи нави кишоварзӣ ва боғдорӣ ҳидоят менамояд. Марди кишоварз бо нияти нек ба фасли баҳор тайёрӣ мебинад ва тибқи таомули аҷдодӣ хокистари гулхани Ҷашни Садаро бо умеди ҳосили фаровон ба замин мепошад.”

Дар кишвари мо соли нуҳум аст, ки аз Сада ҷашн гирифта мешавад ва мардуми кишоварз ва масъулони ин соҳа ин идро рамзи хуррамиву ободонӣ медонанд. Фаро расидани ин ҷашн пеш аз ҳама, кишоварзонро аз оғози омодагӣ ба кишту кор хабар медиҳад.

Тибқи тақвимҳо Сада ба анҷоми чиллаи калон рост меояд. Ба поён расидани сардии фасли сол мардум дастаҷамъона шодиву хурсандӣ карда, якдигарро бо фарорасии ин ҷашн табрик мекарданд ва ба мисли дигар ҷашнҳои бостонӣ, суфраи зебои идона ороста орзу мекарданд, ки ба сарзаминашон фасли бобаракату фаровонӣ қадам гузорад.

Фалсафаи ин ҷашнро пирӯзии рӯшноӣ бар торикӣ, гармо бар сармо ва некӣ бар бадӣ ташкил медиҳад.

Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” пайдоиши Ҷашни Садаро ба подшоҳи дуюми пешдодӣ Ҳушанг нисбат медиҳад. Мувофиқи нигориши шоир, Ҳушанг ба мардум тарзи афрӯхтани оташро омӯзонид ва ҷашни Садаро бунёд гузошт.

Қобили ёдоварист, ки Сада, Наврӯз, Тиргон ва Меҳргон ҷашнҳои қадимии аҷдоди ориёии мо буда, то ҳол баъзе аз маросиму оинҳои он маҳфуз мондаанд. Пажӯҳишгарони ин мавзуъ дар мақолаҳои худ таъкид кардаанд, ки ин чор ҷашни бостонӣ, ҷашни кайҳонӣ ё нуҷумианд ва робитаи инсон бо табиат, ойинҳои вобаста ба корҳои кишоварзон ва ҳунармандон буда, беҳтарин ғояҳои инсонӣ моҳият ва мухтавои онҳо мебошанд. Ин ҷашнҳо марбут ба чаҳор фасли сол буда, гиромидошти унсурҳои муайяни табиат дар маркази ҳар яке аз онҳо қарор доранд.

Бо вуҷуди ҳикмату фалсафаи қадимаи худ, Сада бар асари омилҳои гуногун тайи садсолаҳои зиёд камранг ва ҳатто фаромӯш шуда, танҳо ба шарофати Истиқлоли давлатӣ мақоми ҷашни миллии расмиро соҳиб гардид.

Бо ҷаҳонӣ шудани ҷашни Сада, ҳамаи мардуми Тоҷикистон ва тоҷикони бурунмарзиро табрик гуфта, тандурустиву шодкомӣ ва саломатӣ орзу мекунем.

**Майрамбӣ Зокирова,**
*ходими калони илмии шуъбаи иттилоот, машварат ва татбиқи дастовардҳои илмии Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ*

# МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ – ОМИЛИ ПЕШРАФТИ ДАВЛАТ

**Ҳар як Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ мужда аз пешрафту шукуфоии Ватани азизамон, ҳамчунин, аз рӯзгори босаодати сокинони он шаҳодат медиҳад, ки ин боиси шукргузории аҳли ҷомеа мебошад.**



**Давлатзода Ҷамила Давлат -**
*доктори илмҳои педагогӣ,*
*директори Коллеҷи омӯзгории*
*шаҳри Ҳисор*

Ба хотири баланд бардоштани савияи ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар аз ҷониби Сарвари давлат соли 2024 "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон гардид, ки ҳадаф аз ин иқдом, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ эҳтиром гузоштан ба қонун мебошад.

Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ кӯшиш менамояд, ки ба таври ҳамешагӣ қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиро таъмин ва онро риоя намояд. Ҳуқуқи инсон дар кишвари мо арзиши воло ба ҳисоб меравад.

Аз ин ҷост, ки тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, асоси бунёди ҷомеаи шаҳрвандиро дар бар мегирад, ки он аз ҳуҷҷати асосии кишвар - Конститутсия сарчашма мегирад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ соли 1994 қабул гардидааст, Тоҷикистонро давлати ҳуқуқбунёд эълон мекунад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки ташаккули давлати ҳуқуқбунёд бе рушду инкишофи тарбия ва фарҳанги ҳуқуқӣ ногузир мебошад. Зеро ҳуқуқ дар давлати демокративу дунявӣ ҷавҳари асосии ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, волоияти қонун ва низоми муайяни ҳуқуқиро таъмин менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шуруъ аз солҳои 90-ум масоили баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони мамлакатро хеле муҳим ва мубрам арзёбӣ намуданд. Дар ин замина, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9-уми апрели соли 1997 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид. Фармони мазкур бо мақсади таъмини волоияти қонун, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва пешгирии қонунвайронкуниҳо қабул карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии табақаҳои мухталифи ҷомеа тамоми чораҳои заруриро амалӣ намуда, дар ин самт як силсила санадҳои меъёрии ҳуқуқиро қабул намудааст. Аз қабили Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳкими ҷараёни демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар ҷумҳурӣ» аз 1-уми декабри соли 1999, №2, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Барномаи низоми давлатии омӯзиши ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми июни соли 2001, таҳти №272, «Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон барои солҳои 2013-2020» аз 3-юми декабри соли 2012, №678, «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ба тасвиб расиданд.

Мақсад аз қабули қонун ва барномаҳои ҳуқуқӣ таҳкими ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар мебошад.

Ҳадаф аз эълон гардидани соли 2024 ҳамчун соли маърифати ҳуқуқӣ ин баланд бардоштани донишҳои сиёсиву ҳуқуқии ҷомеа буда, дар баробари дигар қишри ҷомеа вазифа ва масъулияти аввалиндараҷаи аҳли маориф тарбияи ҳуқуқии наврасон мебошад. Агар мо хоҳем, ки маърифати ҳуқуқии ҷавонони мо баланд бошад, бояд пеш аз ҳама, корҳои фаҳмондадиҳиро дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна бо ҷалби коршиносону мутахассисон хубтар роҳандозӣ намоем.

Ҳамчунин, ташкил ва баргузори чорабиниҳои маърифатию ҳуқуқиро бояд дар мактаб ва тарғиби ин чорабиниҳоро тариқи васоити ахбори омма роҳандозӣ намоем, то ҷомеа аз он бархурдор бошад. Дар ин радиф, баҳри баланд бардоштани савияи ҳуқуқии шаҳрвандони кишвар нақши аҳли зиё, пеш аз ҳама, кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва мактабу маориф хеле зарур мебошад. Дар ин замина, мо омӯзгоронро мебояд, ки савияи дониши ҳуқуқиро дар ниҳоди насли наврасону ҷавонон аз мактабҳои миёна ва муассисаҳои олии таълимӣ оғоз намоем, то ҷомеа аз маърифати ҳуқуқӣ бархурдор бошад.

# ГУРДОФАРИДОН

**23-юми феврал танҳо ҷашни мардҳо набуда, балки ҷашни он занҳое низ ҳаст, ки дили мардона, номусу нанги Ватандорӣ доранд. Ба муносибати Рӯзи Артиши миллӣ суҳбате доштем бо бонувони хизматчии ҳарбии ҚС КДАМ ҶТ полковник Сангова Рухшона Давлатовна, подполковник Юсуфова Лутфия Негматовна, майор Эшманова Насиба Ҷуманазаровна, прапоршик Зарипова Муниса Фирдавсиевна, прапоршик Холиқова Насиба Ҳусейновна.**



**● – Мегӯянд, ки «модар бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар сайёраро меҷунбонад». Аксари мардон бар он ақидаанд, ки артиш ҷои зан нест. Назари шуморо ҳамчун зан-модар ва корманди ҳарбӣ дар мавриди он ки оё ҳузури зан дар қувваҳои мусаллаҳи кишвар зарур аст ё не, донистан мехоҳем?**

– Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми занону модаронро дар ҷомеа баробари мардон ҳисобида, дар ҳар як паёми худ масъалаи нақши занон дар ҷомеа, алалхусус саҳми занони хизматчии ҳарбиро қайд намуда, мунтазам таҳкид бар он мекунанд, ки занҳое, ки дар сафҳои Қувваҳои мусаллаҳ адои хизмат менамоянд, ба вазифаҳои баланди ҳарбӣ таъин ва то ба рутбаҳои баланди ҳарбии генералӣ пешниҳод карда шаванд. Хизмати занон дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам зарур ва ҳам лозим аст, чунки занҳо аз иҷрои вазифаҳои хизматияшон сарбаландона баромада, уҳдадориҳои ҳарбии худро бе монеа иҷро намуда, дар гузаштҳои ҳарбӣ ҳатто аз мардон дида зебо ва босифат қадам мегузоранд.

**● – Азбаски мардон, хусусан мардони низомӣ каме сахтгиру ҷиддӣ ҳастанд, бонувоне, ки ҳаёти худро ба мудофиаи Ватан пайванд кардаанд, ҳангоми кор бо мардони низомӣ чӣ гуна мушкилиҳоро эҳсос мекунанд?**

– Дар вақти адои хизмати ҳарбӣ ягон монеа байни мардон ва занони ҳарбӣ нест. Тавре ки мардон мегӯянд, дар Оинномаҳои хизмати ҳарбӣ калимаи «зан» неву «хизматчиёни ҳарбӣ» аст, аз ин бармеояд, ки зану мардони хизматчии ҳарбӣ масъулияти баробар доранд.

**● – Нақши зани тоҷикро дар ҳимояи марзу буми кишвар чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

– Занони хизматчии ҳарбии Қӯшунҳои сарҳадӣ дар ҳимояи марзу буми Ватан-Модар паҳлуи мардон истода, якпорчагии замини кишвари худро ҳимоя менамоянд ва аз ин ифтихор ҳам мекунанд.

**● – Муҳити оилавии як нафар зани ҳарбӣ чӣ гуна аст? Ҳамсар бо ӯ чӣ гуна муносибат мекунад ва фарзандон чӣ?**

– Муҳити оилавии зани хизматчӣ аз дигар занони зиёӣ на он қадар фарқият дорад. Фарқият бештар ба сафарҳои хизматии дур аз хонаю оила, ҳамеша омода будан ба бонги хатар дар поси шаб, барвақт ба кор рафтану дер ба хона баргаштан аст. Аммо бо боварии комил гуфта метавонем, ки бо вуҷуди вақти кӯтоҳи худ дар муҳити оила як зани уҳдабаро, кадбону ва дар таълиму тарбияи фарзандон саҳмгузор буда, боиси эҳтироми шавҳарашон низ мебошанд.

**● – Шумо ҳам дар Рӯзи Артиши миллӣ туҳфа мегиред, ҳам дар Рӯзи Модар. Таассуроти кадоме аз ин туҳфаҳо бароятон ҷолибтару азизтар аст?**

– Туҳфае, ки аз тарафи роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он ҳавасманд мешавем, яъне медалҳои ҷашнӣ бароямон арзиши бештар доранд.

**● – Барои як нафар зани низомӣ оё лозим аст, ки аз лиҳози ҷисмонӣ обутобёфта бошад?**

– Ҳар як хизматчии ҳарбӣ дар ботини худ Гурдофаридро мепарварад, аз ин рӯ, хизматчиёни ҳарбӣ дар тӯли ҳафта ду маротиба ба варзиш машғул мешаванд. Ва дар давоми се моҳ як маротиба аз варзиш санҷиш месупоранд.

**● – Гирифтани рутбаи ҳарбӣ барои зани низомӣ чӣ аҳамият дорад?**

– Барои сазовор шудан ба рутбаҳои баланди ҳарбӣ пайваста кӯшиш ба харҷ додан ва дар иҷрои вазифаҳои хизматии худ пурмасъулиятӣ нишон додан лозим аст. Ҳар як рутбаи ҳарбие, ки сазовор мешавӣ, ин як қадам ба пеш рафтан дар хизмати ҳарбӣ ва зиёд шудани маоши вазифавиро дорост, ки ин албатта муҳим мебошад.

**● - Мешавад ҳолате, ки фарзандон либоси модарашон – зани низомиро бо ифтихор ба бар кунанд ва модар ҳам фахр намояд?**

– Фарзандони мо нисбати либоси низомии ҳарбӣ ифтихори беандоза доранд, зеро аз хурдӣ дар руҳияи Ватандӯстиву меҳандӯстӣ ба воя мерасанд.

**● – Барои занҳое, ки мехоҳанд ба ҳайси корманди низомӣ фаъолият баранд, кадом критерияҳо муҳиманд?**

– Барои шомил шудан ба хизмати ҳарбӣ занҳое интихоб мешаванд, ки қавиирода буда, ҷисман солим ва дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус бошанд. Инчунин, барои қабул шудан ба хизмати ҳарбӣ синну сол ва донистани лоақал ду забони хориҷӣ низ муҳим мебошад. Аз ҳама муҳим худшинос буда, эҳсососи баланди меҳандӯстиву ифтихори ватандорӣ дошта бошанд.

*Мусоҳиб* **Суман Убайдуллозода**

# АНИСИ КУНҶИ ТАНҲОӢ КИТОБ АСТ...



**Умеда Султонмамадова,**
*дотсент*

Боиси шодмонӣ ва шукургузорист, ки Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду нумӯи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа шароити мусоид фароҳам овард. Бо ташаббусу дастгириҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар радифи самтҳои гуногуни илму маърифат ба соҳаи китобдорӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Воқеан, дар ташаккули андешаи миллӣ ва таҳкими истиқлол нақши китоб хеле бузург аст. Маҳз ҳамин дастгириҳои маърифатпарваронаи Пешвои муаззами миллат аст, ки солҳои охир соҳаи китобдорӣ, илму ирфон рӯз ба рӯз рушд намуда истодааст.

Дар такя ба ин андеша, месазад зикр намуд, ки Ҳукумати мамлакат барои рушди соҳаи китобдорӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолии кишвар пайваста тадбирҳои муассир меандешад. Далели равшани гуфтаҳои боло ин иқдоми пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор намудани озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” мебошад. Шоиста ба зикр ва таҳсин аст, ки ҳар як иқдом ё санае, ки аз олами афкору андешаҳои сабзу созандаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзи вуҷуд мекунад, боиси болоравии маънавиёти мардум, бахусус насли ҷавон ва умуман қишрҳои мухталифи ҷомеа мегардад.

Ин буд, ки Амри Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 9 -уми феврали соли 2019 оид ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” содир гардид, ки ҳадафи асосии он баланд бардоштани завқи китобхонӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвариву сухандонӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ ва инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худшиносӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ ва баландгардонии доираи забондонӣ миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа, аз ҷумла хонандагону донишҷӯёни ҳамаи зинаҳои таҳсилот ва шаҳрвандони кишвар мебошад.

Имрӯзҳо дар саросари мамлакат китобхонаҳои замонавӣ бунёд гардида истодаанд, ки танҳо ва танҳо барои дурахшон сохтани фардои насли наврасу ҷавон мебошад. Озмуни ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доной китоб аст”низ аз ҷумлаи чунин иқдомҳои созанда аст, ки бо мақсади афзун гаштани дониши мо – ҷавонон эълон гардидааст.

Тарғибу ташвиқи фарҳанги мутолиаи китоб тавассути васоити ахбори омма барои ҷалби бештари насли наврас ба китобхонӣ аҳаммияти муҳим дорад, Озмуни “Фурӯғи субҳи доной китоб аст”, ки бо иқдоми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола роҳандозӣ мегардад, маҳз ба ҳамин мақсад, яъне баҳри оммавигардонии мутолиаи китоб равона гардидааст.

Бояд эътироф намуд, ки то замони истиқлол баъзе аз ин асарҳо ба воситаи китобхонаҳои мактаби миёна паҳн мешуданд ва на танҳо байни хонандагони мактабҳо, ҳамчунин дар байни аҳолӣ маҳбубияти том доштанд. Пайдо намудани баъзе аз ин осори шойгони ниёгон амри маҳол буд ва нусхаҳои ками он аз даст ба даст мегашт. Метавон бо эътимод гуфт, ки ҳар нафаре, ки яке аз ин осори насри ривоятӣ: «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Чор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Тӯтинома», «Синдбоднома», «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Марзбоннома», «Абӯмуслимнома», «Доробнома»-ро мутолиа нанамудааст, аз таъриху гузаштаи худ бехабар аст ва ҳаргиз маънои худшиносиро дарк намуда наметавонад.



Омили дигаре, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст»-ро шукуҳи умумимиллӣ бахшидааст, тавсия шудани осори адибони классик мебошад. Аслан мо бояд ифтихор дошта бошем, ки адабиёти классикӣ дорем, чунин шараф на ба ҳама халқияту миллатҳо насиб гаштааст.

Тавре аз Амри Президенти Тоҷикистон бармеояд, ҳадаф аз баргузории озмун баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ дар байни аҳолии мамлакат мебошад.

# АЛЛА. МОДАРОНИ ҶАВОН ОНРО ФАРОМӮШ КАРДАНД?

**Бо вуҷуди он ки ҷаҳони имрӯз ҷаҳони техникаву технология аст ва ҳар ҷомеа ба ҳар шева мехоҳад замонавӣ бошад, ҷойгоҳи сутурги фарҳанг ва оинҳои гузаштаро унсурҳои ёрирасони имрӯза пур карда наметавонанд. Баръакс, барои руҳ, ирода ва виҷдони мо мусиқӣ, рассомӣ, шеър ва суруди зинда зарууртару пуртаъсиртар аст. Яке аз чунин ёдгориҳои беназири мардуми мо, ки аз насл ба насл мегузарад, таронаи алла мебошад, вале, мутаассифона, насли нави духтарони мо, ки толеи баланди модарӣ насибашон мешавад, аз он дуранд, ё дурӣ меҷӯянд.**



## АЛЛА ЧӢ СУРУД АСТ?

Дар Пажӯҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанг дар робита ба ҷамъоварии матнҳои алла ва тавсифи вежагиҳои он як силсила корҳо анҷом ёфтааст, вале мутаассифона байни модарони ҷавон ин таомул кам ба назар мерасад.

Аз ҷумла, дар маҷмуаи «Мероси фарҳанги ғайримоддӣ дар Тоҷикистон» омадааст: "Алла яке аз жанрҳои маъмули анъанаҳои шифоҳии халқи тоҷик аст, ки бо савту навои дилангезу гӯшнавоз дар сари гаҳвораи кӯдак аз ҷониби модар сароида мешавад. Суруди алла бо садои ҷунбиши гаҳвора ҳамоҳанг аст, ки кӯдак бо шунидани он меҳру муҳаббат ва навозишу отифати модарро дар ҷисму ҷони худ эҳсос карда, оромишу роҳат мeёбад. Аз ин ҷост, ки аҳли қалам алларо беҳтарину шевотарин суруди зиндагибахш қаламдод кардаанд. Равоншиносону пажӯҳишгарон бар он андешаанд, ки ин тарона дар тарбияи равонии кӯдак нақши муҳим мебозад".

Алла аз матнҳои гуногуни манзум иборат буда, дар таркиби он рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, ғазалгунаҳо низ ҳастанд. Матни суруд одатан, аз ҷониби модарон эҷод шуда, бо мурури солҳо аз як шахс ба шахси дигар, аз як насл ба насли дигар интиқол мeёбад ва хусусияти фолклорӣ пайдо ме-

кунад. Равоншиносон хулоса кардаанд, хурдсолоне, ки аз модаронашон алла шунидаанд, оромтабиат, нарммиҷоз ва меҳрубонтаранд, нисбат ба он кӯдаконе, ки аз он бенасиб мондаанд.

### ЧАРО ФАРОМӮШ ШУД?

Алла дар зоти худ аввалин шеър, оҳанг ва суруд аст, ки кӯдакони мо мешунаванд. Дуруст фармудаанд, ки ҳанӯз ҳеҷ шоир, сароянда ё оҳангсоз дар пояи алла асар эҷод накардааст. Бо вуҷуди ин ҳама шукӯҳ, имрӯз сароиши алла қариб, ки аз байн рафтааст. Мутахассисон, табибон, адибон ва мардуми одӣ дар ин маврид андешаҳои гуногун доранд. Аз ҷумла, табиби ҷарроҳ аз бемористони “Ёрии таъҷилӣ” Саодат Шарифзода дар он фикр аст, ки алла беҳтарин усули оромиши тифл ва асабҳои нозуки ӯст. Ин тарона дар худ хусусияти баланд бардоштани тавонмандиро (масуният) дорад. Махсусан, ҳангоми шаб шунидани алла бисёр муассир аст, зеро он ҳама тарсу беқарории давоми рӯз дар организми ҳассоси кӯдак ҷамъшударо бартараф мекунад ва сабаби ба хоби амиқ рафтан мешавад. Ба хоби амиқ (ба қавли мардум, ба хоби сахт) рафтани навзод гарави саломатии руҳонии вай аст.

Бону Шокирова, омӯзгори мусиқӣ аз шаҳри Душанбе дар ин хусус чунин иброз медорад: “Ҳоло аксари ҷавондухтарони мо ба он сабаб алла намесароянд, ки сари гавҳора нишаста сармашқи бозии телефонҳои мобилӣ ҳастанд, донишу фаҳмиш ва завқи корнахӯрда доранд. Маълум мешавад, ки дар оила суруду таронаҳои хубу бомазмун нашунидаанд ва дар мактаб низ муаллимон дарси суруд ва мусиқиро сатҳӣ омӯзондаанд...”.

Ҳамроҳҷон Қодирова, як тан аз омӯзгорон ба дунёи телефонҳои мобилӣ ғарқ шудани модарони ҷавонро бо изтироб маҳкум мекунад: “Сад афсус, ки модарони ҷавони мо дар олами маҷозӣ бештар ҳузур доранд ва аз зиндагии воқеӣ дуранд. Ҳатто, дар гулгашту хиёбонҳо мебинем, ки тифл даруни аробача мехобаду дар гӯши модараш «наушник» аст. Бо ин ҳол наметавон оянда аз фарзанд меҳру муҳаббат интизор шуд. Дунё дунёи гардиш аст, меҳр додед, меҳр мегиред ва бетаваҷҷуҳиву бемуҳаббатӣ ҳатман ҷавоби сазовори худро дорад”.

Мазмуни сурудҳои алла бештару пештар аз орзуву омоли модар, тавсиф ва меҳрубонии тифл иборат буда, мисли қиссаву афсонагӯӣ ва достонсароӣ, як ҷузъе аз фарҳанги куҳани тоҷикон аст. Барои аз байн нарафтани ин анъанаи неки ниёгон давлату Ҳукумат низ чораандешӣ мекунад. Аз ҷумла, дар се марҳила гузаронда шудани Озмуни ҷумҳуриявии "Суруди Алла" таҳти унвони "Алла – ифшогари орзуҳои Модар", озмунҳои “Ҳусноро”, “Чакомаи гесӯ”, “Ҳунарманд” ва “Гурдофарид” далели ин гуфтаҳоянд.

Бавежа, озмуни "Суруди Алла" ҳамасола аз моҳи январ шуруъ мешавад ва дар Рӯзи модар ҷамъбаст гашта, духтарони ҳунарманду боистеъдод қадр мешаванд.

Ҷумҳура Муҳиддинова, омӯзгор, пешниҳод мекунад, ки Озмуни ҷумҳуриявии "Суруди Алла" дар як сол ду бор гузаронда шавад ва духтарони синни балоғат бе истиҳола иштирок ва тараннуми аллаfamро омӯзанд.

Ҳанӯз замони шуравӣ Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Мастона Эргашова суруди “Тифли гирёнам калон шав”-ро бори нахуст иҷро кард, ки бар матни Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ сохта шуда буд. Матн ва оҳанг таъби дили мардум буд ва то ҳол онро сари гаҳвораи фарзандон ва озмунҳо месароянд. «Алла» аввалин филми муаллифии Давлат Худоназаров аст, ки сару садоҳои зиёд дошт.

Ин тарона, ки дар Бадахшон бо номи “Лалаик” машҳур аст, ҳангомаҳои дигар дорад. Аз ҷумла, соли 1989 Олег Фезов “Лалаик” ном таронаро бо истифода аз фарҳанги мардумӣ ва бо забони шуғнонӣ эҷод кард, ки ҷаҳонӣ шуд. Онро Наргис Бандишоеваи 22-сола (равонаш шод бод!) дар Озмуни байналмилалии “Садои Осиё” суруд ва байни 150 овозхони кишварҳои пасошуравӣ пирӯз омад. Соле пеш Манижа Сангин, сарояндаи маъруфи муқими Россия ҳам ин таронаро бозхонӣ кард.

Аз ин ҳама далелҳо бармеояд, ки набояд аллаfamро ба гӯшаи фаромӯшӣ супурд. Баръакс, алораҒми пуркориву мавҷи бешумори иттилоъ аз фазои маҷозӣ модарони ҷавони мо бояд алла сароянд ва сари гаҳвораи тифлонашон орзуву ормон, меҳру муҳаббат ва башардӯстиро тарғиб кунанд. “Сабзтарин тарона”-и шоир Сармад ин аст:

*Модарон шодоб бод андар сари гаҳвораҳо,*  
*То суруди алла ояд аз бари гаҳвораҳо.*  
*Аз дили гаҳвора меояд садои зиндагӣ,*  
*Дидаи мо нақшбанди манзари гаҳвораҳо.*  
*Эй дил, аз бешу ками дунё даме бегона шав,*  
*Бӯи тифлӣ мерасад аз бистари гаҳвораҳо.*  
*Осмони чашми модарҳои мо пурнур бод,*  
*Аз фурӯғи ҷовидони ахтари гаҳвораҳо.*

**Бузургмеҳри БАҲОДУР,**  
*Узви Иттифоқи*  
*нависандагони Тоҷикистон*

# ПУШАЙМОН НЕСТ Ӯ АЗ УМРИ ПОЛИДА...

**Чун субҳ медамад, Кенҷамоҳ Нуралиева сар аз болин мебардорад. Рӯзи нави ҳаётро шукр гуфта, бо оби софу зулол дасту рӯй мешӯяд. Аз рухсораи набераҳои ба ҷон баробар бӯса ситонида, бо меҳр дари ошхонаро мекушояд ва ба тайёр намудани субҳона шуруъ мекунад. Келинҳо духтарони тарбиятдидаи ҳунарманд ҳастанд. Набераҳо ҳам дастёр шудаанд, вале модар вазифаи кадбонугиро худаш иҷро мекунад ва ҳар дам “Барои иҷрои ин вазифа ман аз шумо умре қарздорам”, – мегӯяд модари олуфта.**



*Кенҷамоҳ Нуралиева*

## АДОИ ҚАРЗ

Шояд хонанда ҳайрон шавад, ки чаро модар худро қарздор мегӯяд ва ё чаро бо ноз сари хони ороста нишаста хӯроки пухтаи фарзандонро намехӯрад.

Қиссаи сарнавишти ин модари хушбахт, модари боиффату оқила хеле дароз аст. Қиссае, ки чун чароғ роҳи ҷавонони камтаҷрибаро равшан месозад.

Кенҷамоҳ то синни нафақа омӯзгор буд ва қисми зиёди вақти хешро бо шогирдонаш мегузаронд. Аз ин рӯ, дар вақташ хӯроки фарзандони худро омода карда наметавонист, вале барои тарбия ва донишандӯзии шогирдонаш тамоми неруяшро сарф менамуд. Чунин заҳмату талошҳои пайваста ӯро раҳнамун кард ба қуллаҳои баланди бахт, орзу ва муваффақият.

## ДУР АЗ ЧАШМИ ПАДАР

Даврони кӯдакии Кенҷамоҳ ба замоне рост омад, ки мардум барои дарёфти бурдаи нон азият мекашиданду аз гуруснагӣ то нимашаб даруни ҷогаҳ печутоб мехӯрданд.

Модар баробари занҳои деҳа кишт мекарду дарав, то фарзандони нимятимаш хору зор нашаванд. Духтароне, ки падар бо зинда будан номи ятимиро ба гарданашон бор карда, бо баҳонаи “писар намезойӣ”, модари бечораро бо “чор донаи анор” дар нимароҳи зиндагӣ ҳайрон гузошта буд, бедарак аз он ки Эзид ба ҳар як духтари ӯ ақлу фаросат, ҷасорат ва ҳунару донише ато фармудааст, ки ҷойгузини даҳ писар мебошад. Хулоса, носер аз навозиши панҷаҳои бақуввати падар духтарҳои холаи Шарифамоҳ - Кенҷамоҳ Савринисою Хурмонисо ва Басгулҷон ба воя расидаанду ҳар яке соҳиби хонаву дари ободи хеш гардиданд.

## ПЕШАИ МЕРОСӢ

Апаҳои муаллимааш меҳри касби омӯзгориро аз овони кӯдакӣ дар дили Кенҷамоҳ ҷой карданд. Ӯ соли 1957 мактабро бо баҳои хубу аъло хатм намуд ва бо сари баланд ба факултети таърих ва филологияи Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шуд. Бо таҷриба бардоштан аз мактаби бузурги омӯзгорони варзида Чалишов Соат, Фузайлов Самад, Қодиров Рустам, Насриддинов Зиёвуддин, Қурбонов Мадохир, Сафаров Ниёз ва гирифтани стипендияи сталинӣ Кенҷамоҳ Донишгоҳро соли 1962 хатм намуду бо як ҷуръат ва муҳаббати беандоза ба илму дониш қулфи нофаҳмиҳоро шикасту барои соҳибмаълумот гардидани дигар духтарони деҳа ва ноҳия роҳ кушод...

## ГУЛИ ИШҚ ДАР ДИЛАШ ШУКУФТ

Ҳангомӣ омодагӣ ба имтиҳонҳои хатмкунии мактаби олӣ Аҳмад ном ҷавони фархорӣ, ки дар синни хурдсолӣ аз меҳру навозиши падару модар бенасиб гашта буд, ба Кенҷамоҳ дил баст, аммо барои ифшои роз ҷуръат намекард. Зеро холаи Шарифамоҳ духтаронашро бо иродаи мардона калон карда буд ва қиёфаи ҷиддии Кенҷамоҳ имкони сухан оғоз карданро ба Аҳмади ошиқ намедод.

Пеш аз Аҳмад низ чанд нафар ҳамсабақон ба Кенҷамоҳ изҳори муҳаббат карда буданд, вале ӯ ба Аҳмад меҳр баст...

Ҳамин тариқ, ду ҷавони дар дарёи дониш ғӯтазадаи ҳамтақдир аввал дӯст ва сипас, ба якдигар риштаи меҳр бофтанд.

Бо розигии волидайн онҳо оила барпо карданд ва зиндагии сар то по муҳаббату эҳтиромро дар ноҳияи Темурмалик барои якдигар сохтанд.



## ОҒОЗИ РОҲ

Кенҷамоҳ фаъолияти кории худро ба сифати муаллимаи фанни забон ва адабиёт аз мактаби деҳа ва тибқи роҳхати Донишгоҳ Аҳмад аз мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Тоҷикобод шурӯъ намуданд.

Дурӣ аз ёри меҳрубон барои Аҳмад зӯрӣ карду ҳамсарашро ҳам ба ноҳияи Тоҷикобод овард ва дар мактабе, ки худаш омӯзгорӣ мекард, ба кор монд. Дар мактаб ба ғайр аз директор дигар касе маълумоти олӣ надошт. Аз ин рӯ, мақомоти ноҳия, бахусус, шуъбаи маориф кӯшиш менамуданд, ки оилаи ҷавони соҳибмаълумот бо шароити хуби зист таъмин бошанд.

Маҷрои зиндагии хушҳолонаи Аҳмад ва Кенҷамоҳи ҷавонро қисмат дигар кард ва барои зиндагии ояндаро сохтану сипарӣ намудан ба шаҳри Ҳисор кӯч бастанд.

Ин ҷо низ ду омӯзгори соҳибтахассус пешаи омӯзгориро дар мактаби миёнаи №2-и ба номи Садриддин Айнӣ идома бахшида, бо донишу таҷрибаи баланд, хоксорию фурӯтанӣ ва чашмикордонӣ миёни мардум обрӯ пайдо намуданд...

## МАСЪУЛИЯТИ РОҲБАРӢ

Бо такя ба донишу малакаи худ ва эътиқоду муҳаббати ҳамсари ҳамрозу ҳамсуҳбат Кенҷамоҳ дар ҷодаи омӯзгорӣ зина ба зина боло мерафт. Донишу таҷрибаи бардоштаашро истифода мебурд, то пеши касе сархам нашавад. Таваҷҷуҳи роҳбарият ва маорифи шаҳр нисбат ба масъулияти баланди педагогии муаллима боиси он гардид, ки соли 1977 роҳбарии мактаби миёнаи №118-ро ба уҳдааш вогузор намуданд. Мактабе, ки навтаъсис буду ҳоло одитарин шароитҳои таҳсилро надошт. Ин зани мардҳавсала бо дасту дили гарм ба кор шурӯъ карда, дар муддати кӯтоҳ мактабро ба яке аз мактабҳои беҳтарини шаҳри Ҳисор баробар намуд.

Хонандагон туфайли заҳматҳои шабонарӯзии роҳбари ғамхору дилогоҳ дар озмунҳои ноҳиявию шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷойҳои намоёнро ишғол намуда, нуфузи мактабро бамаротиб боло мебурданд.

Пас аз чанд соли фаъолияти босамар, соли 1986 муаллимаро ба вазифаи раиси Кумитаи иттифоқҳои касабаи коркунони соҳаи маориф ва муассисаҳои илмии ноҳия таъин намуданд. Ин ҷо низ муаллима бенуқсон фаъолият карда, корҳои назаррасеро анҷом дод.

Давоми солҳои минбаъда, аниқтараш аз соли 1989 то 2013 низ муаллима Кенҷамоҳ Нуралиева дар шуъбаи маорифи ноҳия ва мактаби миёнаи №1 босамар фаъолият намуда, дар таълиму тарбияи насли наврас, бахусус тарбияи кадрҳои ҷавон саҳми арзандае гузоштааст.

## ҚАДРШИНОСӢ

Хизматҳои шоёни муаллимаи хизматнишондодаи соҳибэҳтиром Кенҷамоҳ Нуралиева борҳо бо дипломи ифтихорномаҳои шаҳрию ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин, бо унвони фахрии "Корманди шоистаи Тоҷикистон", медали "Барои меҳнати шоён" ва нишони сарисинагии "Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қадрдонӣ гардидааст.

Ҳамсари меҳрубонаш Аҳмад Гулаков соли 2007 дунёро падруд гуфт, вале панҷ дурри гаронбаҳоро ба муаллима ба ёдгор гузошт. Имрӯз Ҷамилабоную Анварҷон Акбарҷону Бунафшахон ва Зафарҷон идомабахши пешаҳои ибратомӯзи падару модар ҳастанд ва дар рушди кишвари азиз бомаром хизмат намуда истодаанд.

Аз донишу ғайрати ҳама фарзандон муаллима қаноатманду мамнун аст, вале гиребони шукр медорад аз дастовардҳои илмию эҷодии Бунафшахони олима, ки пас аз хатми магистратураи шаҳри Ню-Йорки Америка ва докторантураи Оксфорди Англия ҳамчун доктори фанҳои ҳуқуқшиносӣ фаъолият бурда, китобҳои "Ба фарзандхондӣ додани кӯдакони Тоҷикистон", "Фарҳанги тоҷикӣ-русии истилоҳоти ҳуқуқи башар" ва ғайраро таълиф намудааст.

## АЗ ХЕШ БОЛИДА

Имрӯзҳо устоди кулли омӯзгорони шаҳри Ҳисор Кенҷамоҳ Нуралиева ба синни муборакӣ 85 қадам мениҳад. Ӯ ба гузаштаи хеш бо ифтихор менигарад ва бо шукргузорӣ мегӯяд:

*Ҷаҳонро дар саодат озмудам ман,*
*Раҳи худро ба заҳматҳо кушудам ман.*
*Ҳар он чӣ кишт бинмудам, дурудам ман,*
*Ҳама рӯзу шаби худро сурудам ман.*
*Пушаймон нестам аз умри полида,*
*Ба пирӣ мерасам аз хеш болида.*

**Муҳаббати Юсуф**,
*рӯзноманигор*



# БОНУИ МУБОРИЗ

**Занони тоҷик дар масири таърихи миллат қаҳрамониву корнамоиҳои зиёде кардаанд. Яке аз ин гуна диловарзанони тоҷик, иштирокдори фаъоли ҳаракати милливу озодихоҳии халқҳои Осиёи Миёна дар соли 1916 - Раҷабова Мавҷинисо (1869-1982) мебошад, ки 113 сол умри пурбаракат дидааст.**



*Раҷабова Мавҷинисо*

Аз рӯйи маводҳои бойгонӣ ва дигар манобеи таърихӣ Раҷабова Мавҷинисо соли 1869 дар ноҳияи Ашти вилояти Суғд дар оилаи баззоз ба дунё омадааст. Дар синни 11-солагӣ волидайн Мавҷинисоро барои савод гирифтан ба мактаби духтарона доданд. Вазъи мактабҳои духтарона дар он солҳо хуб набуд. Духтарон дар ҳавлии муаллима (бибихалифа) дарс мехонданд ва фақат хондану навиштанро аз бар мекарданд.

Аз хурдсолӣ падараш ба Мавҷинисо аз саргузаштҳои хеш қиссаҳо мекард. Нақлҳои падарро дар бораи деҳқонони зулмдида бо диққат гӯш карда, дар тинати ӯ нисбат ба золимону аҷнабиён ҳисси бадбинӣ ташаккул меёфт.

Ҷанги якуми ҷаҳон (1914-1918) ба тақдиру ҳаёти халқҳои Осиёи Марказӣ бетаъсир намонд. Аҳволи халқи меҳнаткаш боз ҳам вазнинтар мешуд. Барои ёрӣ ба ҷанг андозу уҳдадориҳои нав ҷорӣ карда шуд. Масъулони волосту ҷамоатҳо бо баҳонаи ба ҷанг нафиристодани фарзандон чизу чора, ғалла, чорво ва дигар бойигарии мардумро ҷамъ мекарданд. Ҳолати бавуҷудомада, боиси норозигии халқ мешуд. Онҳо маҷбур мешуданд, ки ошӯбу гирдиҳамоиҳо ташкил кунанд. Махсусан, фармони императори Русия Николайи 2 (1894-1917) "Дар бораи ба корҳои ақибгоҳӣ даъват намудани халқҳои ғайрируси Туркистон", ки 25-уми июни соли 1916 ба имзо расид, сабаби норозигии халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон, хосатан, Тоҷикистони Шимолӣ, гардид.

Мувофиқи ин фармон бояд мардҳои синни аз 19 то 43-сола ба сифати мардикор ба корҳои ақибгоҳи фронт сафарбар мешуданд. Ба генерал-губернатори Туркистон амр шуд, ки фармонро дарҳол иҷро кунад. Ба зиммаи вилояти Сирдарё фиристодани 87 ҳазор, ба Самарқанд 38 ҳазор ва ба вилояти Фарғона 50 ҳазор мардикорон бор карда шуд. Амалдорону бойҳо, руҳониён ва ашхоси мақомдор бо ҳар роҳу восита худро аз рӯйхат мебароварданд. Ҳамин тавр, ба рӯйхат танҳо мардуми мазлум меафтод.

Ин гуна рафтори зиддихалқӣ дар деҳаҳои Ашт ва Пунук, ки дар тобеияти уезди Намангони вилояти Фарғона қарор доштанд, низ зоҳир мегардид. Дар Ашт 11-уми июли соли 1916 ошӯби умумхалқӣ сар зад ва дар муддати кӯтоҳ ба гирду атрофи деҳаҳои Ашт, Пунук, Бободархон паҳн гардид. Дар деҳаи Ашт яке аз пешсафони шуриш Раҷабова Мавҷинисо буд. 14 июли соли 1916 дар назди маркази бозори деҳа 1000 нафар деҳқонон ҳунармандон, занону фарзандони онҳо ба даст панҷшохаҳову досу каланд, сангу калтак гирифта, ба бинои маъмурияти маҳаллӣ ҳуҷум оварданд. Аз ҳокими волост талаб карданд, ки барӯйхатгириро қатъ намоянд. Аммо талаби онҳо аз тарафи ҳокими волост ва қозӣ ба назар гирифта нашуд. Рӯзи дигар бо чунин талаб Раҷабова Мавҷинисо бо ҳамроҳи бонувони деҳа Ҳамробибӣ Муҳаммадаминова, Уғулбибӣ Тошматова, Норинисо Турсунова, Барнобегим Бурибоева мардуми зиёдро дар назди бозори маҳалли Сари Бозор ҷамъ оварда, маротибаи дуюм ба муқобили ҳокими волост ҳуҷум намуданд. Ҳуҷҷатҳои бойгонӣ далолат мекунанд, ки дар муддати кӯтоҳ шумораи шӯришгарон афзуда, то ба 3947 ҳазор нафар расид. Онҳо аз ҳокими волост хоҳиш карданд, ки рӯйхати мардикоронро ба Раҷабова Мавҷинисо диҳад, аммо талаби шӯришгарон рад карда шуд. Дар натиҷа, мардуми ба ғазабомада ба ҳуҷум гузаштанд. Шӯришгарон чизу чораи ҳокими волостро талаву тороҷ карда, хонаи ӯро оташ заданд.

Пас аз 11 рӯз ошӯб бераҳмона пахш карда шуд, 78 нафар иштирокдорони он ҳабс гардиданд, ки чор нафари онҳо занон буданд. Раҷабова Мавҷинисо низ бо қарори суд 2 сол аз озодӣ маҳрум гардид.

Қаҳрамонӣ ва мубориза ин зани ҷафодида бо ин хотима наёфта, баъди озод шудан аз зиндон ба деҳа баргашта солҳои 1919-1921 дар қатори мардони ҳамдиёраш ба муқобили дастаҳои босмачигарӣ, ки роҳбараш Раҳмонқул Қурбошӣ буд, дар деҳаҳои Ашт, Пунук, Чодак мубориза бурдааст.

Ӯ дар ташкил намудани аввалин колхозҳо дар ноҳияи Ашт нақши бориз гузошта, ҳамчунин, дар сохтмони нахри бузурги Фарғона (1939) иштирок намудааст. Раҷабова Мавҷинисо барои хизматҳои шоёнаш бо Ифтихорномаи Шурои Олии Тоҷикистон қадрдонӣ шудааст.

Мубориза ва талошҳои Раҷабова Мавҷинисо намунаи ҷасорат, иродаи қавӣ ва бузургии зан-модари тоҷикро нишон медиҳад.

**Бахтовар Темирзода,**
*муаррих*

# ИЛОҲӢ, СУЛҲ ПОЙДОР БОШАД!

## Дуои Хайринисо Қодироваи 110-сола

**Хайринисо Қодирова 110-сола мебошад. Ӯ замоне таваллуд шуд, ки ҳанӯз Аморати Бухоро пойбарҷо буд, тамоми таърихи Иттиҳоди Шуравиро пушти сар карда, шоҳиди 32 соли Истиқлоли Тоҷикистон аст...**

Хайринисо Қодирова соли 1914 дар шаҳри Истаравшан таваллуд шудааст. Феълан, соҳиби 8 фарзанд, 37 набера, 80 абера ва 20 чабера мебошад. Ӯ набераву аберaҳои хурдсолашро пайваста насиҳат мекунад, ки шукргузор аз сулҳу осоиш ва озодиву ободии Ватан бошанд.

"Замони амириро нағз ба хотир надорам. Хурд будам, ки Аморати Бухоро барҳам хӯрд. Вале азобу уқубати зиндагии он рӯзгорро аз модарам шунидаам. Дар даврони шуравӣ ҳам аввал душвор буд. Замони ҷанг ва баъди он хеле азоб кашидем. Баъдан, зиндагӣ беҳтар шуд. Ҳоло бошад, шукр, ки ҳама чиз ҳаст. Камбудӣ надорем. Давлатамон тинҷ, фаровонӣ, ғайр аз шири мурғу ҷони одам, дигар дар бозорҳо ҳама чиз ҳаст. Дасторхонамон пур ва хотирамон ҷамъ аст." – мегӯяд, ин зани рӯзгордида.

Ӯ гоҳо ба неъматҳои зиндагӣ ношукрӣ кардани бархе аз ҷавононро дида дилтанг мешавад. "Гоҳо мебинам, ки аз зиндагӣ шикоят мекунанд. Баъзан, ҳатто нонро зери по мепартоянд. Ман аз ин нороҳат мешавам. Наход одам, дар ҳамин давру замон шикоят кунад? Ҷавонҳоро насиҳат мекунам, ки ба нон, ки неъмати бузурги Худованд аст, беэҳтиромӣ зоҳир накунанд. Замонаш буд, ки барои як тиккаи он зор будем..." – мегӯяд, Хайринисо Қодирова.

Ӯ ҳар замон, ки аз сахтиҳои рӯзгор андеша кунад, давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба ёдаш меояд. Шавҳару додари ӯ ҳам ба ҷанг рафта буданд. Шавҳараш маъюб шуда баргашт, вале додараш бедарак шуд. Ҳатто аз ӯ хати сиёҳ ҳам нагирифтанд. Мегӯяд, ки падараш то охирин лаҳзаҳои умр чашм ба сӯйи дарвоза буд, ки рӯзе писараш меояд...

Қаҳрамони мо зани қавииродаест, ки як умр меҳнат карда, дар кор устухонаш шах шуда, то ба ин синну сол расидааст. Ӯ дар шаҳри Истаравшан яке аз пиллапарварони номӣ буд. Дар баробари кирмакпарварӣ, яъне





*Хайринисо Қодирова*

кори хоҷагидорӣ, Хайринисо Қодирова ҳунарманди номӣ ҳам буд. Мегӯяд, ки барои як зан муҳим аст, ки ҳунари дӯзандагиву пазандагӣ дошта бошад. «Хонаводаи мо ҳама ҳунарманданд. Падарам Пошшохоҷа оҳангари маъруфи шаҳр буданд. Ман ҳунари карбосбофиро ёд гирифтам. Аз пахта риштаи дастӣ омода карда, аз онҳо матои карбос мебофтам. Матоъҳоро либос карда, мепӯшидем. Баъдан, тоқӣ медӯхтам" – мегӯяд, ин зани солдида.

Бибӣ Хайринисо чун хотира аз гузашта дастгоҳи карбосбофиву тоқисозиашро ҳифз кардааст, гарчанде, феълан, ба ин корҳо касе машғул намешавад.

«Имрӯз кӣ матои карбоси дастӣ мепӯшад? Ба тоқии тоҷикӣ ҳам талабот кам аст. Бинобар ин, касе ин ҳунари маро идома надод." – мегӯяд, қаҳрамони мо.

Феълан, Хайринисо Қодирова дар шаҳри Истаравшан, дар ҳалқаи пайвандону фарзандон давлати пирӣ меронад. Мегӯяд, ки ҳамеша даст ба дуост, то пайвандону наздиконаш ва мардуми кишвар дар амон бошанд: "Илоҳо, Омин, Худованд, раҳмататро аз сари мо дур насоз, сулҳу оромиро дар Ватани мо ҳамешагӣ гардон, дасторхони моро пур, хотирамонро осуда гардон, Пешвои миллатамонро дар паноҳи исматат нигаҳ дор! Худовандо, ҳеҷ гоҳ мардуми моро ноумед насоз, кишвари моро аз балоҳои заминиву осмонӣ нигаҳ дор..."

**Одил Нозир**

# ҲИДОЯТГАР

**Пешвои миллат ба азму ирода ва масъулиятшиносии мо бонувон ҳамчун неруи бузурги ҷомеа эътимоди қаввӣ доранд ва ҷиҳати таъмини мавқеи устувори Зан-Модар дар ҷомеа ҳама имкониятҳоро фароҳам оварданд. Чунин дастгирию ғамхориҳои падарона буд, ки як зумра занону духтарони донишманду боҷасорати мо ба арсаи васеи сиёсат ворид гардиданд.**



*Нигина Турсунова*

Яке аз чунин бонувони меҳнатқарину соҳибмаърифат мудири бахши кор бо занон ва оилаи назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш Нигина Турсунова мебошад, ки ҳангоми сафари хизматӣ ба ин ноҳия мо бо ӯ суҳбате оростем:

**– Зиндагии моро қонунҳо ба танзим медароранд ва занон муназзими оила ҳастанд. Шумо, ки се сол боз бо кору пайкори бонувони ин ноҳия сару кор доред, мегуфтед, ки дар ноҳияи Лахш оид ба риояи «Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар амал тадбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» чӣ тадбирҳои судманде амалӣ мегарданд?**

«Ман ҳамеша аз кору рузгори занону духтарони ноҳия бохабар буда ба онҳо зарурати риояи ин қонунҳоро мефаҳмонаму оиди даст назадан ба исрофкорию зиёдаравиҳо дар тую маъракаҳо ҳамеша корҳои фаҳмондадиҳӣ мебарам. Солҳои охир исрофкорию зиёдаравиҳо дар ҷашну маросимҳои ноҳияи мо қариб, ки ба назар намерасанд», – иброз медорад Нигина Турсунова.

**– Ҷалби занону духтарон ба корҳои ҷамъияти дар ноҳия чӣ гуна роҳандозӣ карда шудааст?**

Дар натиҷаи чораҳои андешидаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Лахш шумораи занону духтарон дар самти сафарбар намудани онҳо ба корҳои ҷамъиятию мансабҳои хизматчии давлатӣ ва таъмини иштирокашон дар мақомоти давлатӣ сол то сол хеле зиёд гардида истодааст. Айни ҳол дар ноҳияи мо, дар вазифаҳои роҳбарикунанда шумораи зиёди бонувон кору фаъолият менамоянд, ки аз шумораи умумии занони роҳбарикунанда 7 нафарашон хизматчии давлатӣ мебошанд.

**– Тибқи квотаи Президенти чӣ қадар духтарони ин ноҳияи дурдаст соҳиби маълумоту тахассус гардиданд?**

Айни ҳол шумораи умумии донишҷӯдухтарон 284 нафар аст, ки 86 нафари онҳо тибқи квотаи Президентӣ, дар макотиби олии кишвар ва берун аз он таҳсил доранд. Дар солҳои 2022-2023 13 нафар ҷавондухтарон тариқи квотаи Президентӣ ба номи пуршарафи донишҷӯ мушарраф гардиданд. Гуфтан ба маврид аст, ки соли равон 11 нафар духтарон тибқи квотаи Президентӣ донишгоҳҳоро хатм намудаанд.

**– Баҳри рушди ҳунарҳои мардумӣ дар ноҳия чӣ корҳои назаррас ба чашм мерасанд?**

Ҷиҳати таъмин намудани занону духтарони маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии давлатӣ дар ноҳия коргоҳҳои дӯзандагии «Сумая» ва «Меҳрангез» таъсис дода шуд, ки дар коргоҳҳои номбурда 40 нафар занону духтарон соҳиби ҷои кори доимӣ гардиданд.

**– Шумо дар ноҳия оиди таҳкими неруи зеҳнии ҷомеа ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии бонувон чӣ гуна чорабиниҳо баргузор менамоед?**

Ҳамасола байни аҳолӣ оиди бартараф намудани пошхӯрии оилаҳои ҷавон, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ, риояи фарҳанги либоспӯшӣ дар байни занону духтарон ва пос доштани фарҳанги миллӣ, даъват ба хизмати ҳарбӣ, пешгирии хушунату зӯроварӣ дар оила ва дигар масъалаҳои доғи рӯз аз тарафи масъулини мақомот гурӯҳҳо таъсис дода, дар 10 ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия бо мардум корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад.

**– Аз нигоҳи шумо имруз зани тоҷик дар ҷомеаи мо чӣ манзалате дорад?**

Самараи истиқлол ва натиҷаи ғамхориҳои Пешвои муаззами миллат аст, ки имрӯз занону духтарон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа кору фаъолият намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гашта истодаанд ва шумораи зиёди бонувон дар вазифаҳои роҳбарикунанда бо масъулияти баланд адои вазифа менамоянд.

**– Таманниёти Шумо ба бонувони тоҷик.**

«Ба ҳамаи занони тоҷик хонаи обод, саломатии бардавом, ризқи фаровон ва бурдбориҳо хоҳонам. Бигузор дар кишвари биҳиштосои мо сулҳу субот танинандоз гардаду дар фазои он мо модарон бо хотири ҷамъу дили беғам зиндагонӣ намоем».

**Сарвар Урозова**

# МАВҚЕИ ЗАН – МОДАР ДАР «ШОҲНОМА»

Сиккае, к-андар сухан Фирдавсии Тӯсӣ нишонд,
Кофирам, гар ҳеҷ кас аз мардуми фурсӣ нишонд.
Аввал аз болои курсӣ бар замин омад сухан,
Ӯ суханро боз боло бурду бар курсӣ нишонд.

Дар «Шоҳнома» садҳо масъала ва мавзуъ баррасӣ шудааст. Яке аз он мавзуъҳо васфи ҳусну ҷамол, шуҷоат ва меҳру садоқати занону модарон аст. Устод Фирдавсӣ занони ориёӣ бибиҳои моро он гуна, ки буданд, ситудааст: вафопарвар, ҷасоратманд, мубориз ватандӯст пурсабр ва хушгилу зебопараст. Хонандаи хушзавқ дар кору рӯзгори Рудоба, Синдухт, Таҳмина, Фарангис, Манижа, Гурдофарид, Фаронак, Катоюн, Ҳумой таҷаллии нури дунёи зебои ботинии онҳоро мебинад. Дили онҳо лабрез аз ишқи Ватан ва ҳамватанонашон аст. Устод Фирдавсӣ Гурдофариди неруманд, ватандӯст ва мубориzро чунин тавсиф кардааст, ки хонанда ба ваҷд меояд ва аз вуҷуди Гурдофарид ифтихор мекунад.

*Зане буд бар сони гурде савор,*
*Ҳамеша ба чанг андарун номдор.*
*Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,*
*Ки чун ӯ ба чанг андарун кас надид.*
*Чунон нангаш омад зи кори Хаҷир,*
*Ки шуд лолабаргаш ба кирдори хир.*
*Бипӯшид диръи саворон ба чанг,*
*Набуд андар он кор ҷойи диранг.*
*Эшхон кард гесу ба зери зиреҳ,*
*Бизад бар сари тарки румӣ гиреҳ.*
*Дуруд омад аз диж ба кирдори шер,*
*Камар бар миён бодпос ба зер.*

Шуҷоат ҳамчун сифати барҷастаи инсонӣ лоиқи ситоиш аст. Ва агар занон молики ин сифат бошанд, арзиши он даҳчанд мегардад. Замони мо ба духтарони гурдофаридсиришт, ба оянdasозони пурдилу мубориз сахт ниёз дорад. Падару модарон, омӯзгорон ва аҳли зиё бояд дар тарбияи ватанпарастии духтарони ҷисману руҳан тавоно ҷидду ҷаҳд намоянд.. Намунаи ибрати онҳо бояд қаҳрамонзаноне мисли Гурдофариди «Шоҳнома» бошанд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 5-уми декабри соли 2023 дар Симпозиуми байналхалқӣ, ки бахшида ба 115-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров баргузор гардид, арзиши баланди тарбиявӣ доштани «Шоҳнома» ва рӯзгори қаҳрамонони онро таъкид карданд.

Камолоти маънавии фарзанд ба ҷаҳонбинӣ ва сифатҳои неки модар вобаста аст. Ҳамаи гурдони шерсифат, қаҳрамонони «Шоҳнома» парвардагони мактаби ватанпарварӣ, шуҷоатмандӣ ва далерии модаронанд. Чун аз қаҳрамонзанони «Шоҳнома» ёд меоварем, пеш аз ҳама, Таҳминаи садоқатпеша – модари Суҳроб ба ёд меояд. Таҳмина дур аз ҳамсар писари соҳибақлу шердилеро ба воя мерасонад.



Устод Фирдавсӣ аз забони Таҳминаи суханони меҳролуд, вале дар як вақт ашкангези ҳазорҳо модари дар исёну ошуби дунё ҷигарбанд гумкардаро чунин баён кардааст:

*Ҳамегӯфт, к-эй ҷони модар кунун,*
*Куҷоӣ, сиришта ба хоку ба хун.*
*Ду чашмам ба раҳ буд гуфтам магар,*
*Зи Суҳробу Рустам биёбам хабар.*
*Падарро ҳамеҷустиву ёфтӣ,*
*Кунун б-омадан тез биштофтӣ.*
*Бипарварда будам танатро ба ноз.*
*Ба рахшандарӯзу шабони дароз,*
*Кунун он ба хун андарун ғарқа гашт.*
*Кафан бар тани поки ӯ хирқа гашт,*
*Кунун ман киро гирам андар канор.*
*Ки хоҳад будан мар-маро ғамгусор,*

Хонандагони азиз, аз он рӯзгорони дур садсолаҳои зиёде гузашт. Оламу одам дигар шуд. Аммо он чӣ ки ҳамчун ёдгори бегазанди ниёгони мо боқӣ монд, ишқ ба обу хоки Ватан ва ҳамватанон аст. Қаҳрамонзаноне, ки устод Фирдавсӣ онҳоро дар «Шоҳнома» ситудааст, аз худ барои хоҳарону модарони мо номи нек ва сифатҳои ҳамидаи инсониро мерос гузоштаанд.

*Ҳар он кас, ки « Шоҳнома»-хонӣ кунад,*
*Агар зан бувад паҳлавонӣ кунад.*

Мо духтарони хешро мебояд, ки дар асоси зиндагиномаи он занони далеру ватанпарвар тарбият кунем, Миллатро модарон месозанд, бинобар ин, худ бояд босаводу соҳибҳунар, ҷасуру худшинос ва сарсупурдаи меҳану миллати хеш бошанд.

**Убайдулло Акрамзод**

# ПАЙРОҲАИ ЗУРАФО

**Дар навиштаи худ мо доир ба зиндагиномаи ҳунарманди хушсалиқаи ансамбли давлатии рақсии “Зебо”- Зурафо Шафонова, ки ба касби хеш содиқ мондаву то имрӯз дар саҳнаҳои ҳунарии сатҳи байналмилалӣ берун аз ҳудуди кишварамон санъати рақси миллии тоҷикиро муаррифӣ менамояд, ҳикоя мекунем.**



*Зурафо Шафонова*

Рӯзе дар шабакаи иҷтимоии “Фейсбук” аз баргузор шудани чорабинии бошукӯҳ бахшида ба ҷашни Наврӯз дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия бо иштироки ҳунармандони тоҷик огоҳ шудам. Нуктаи ҷолиб ин аст, ки рақси миллиии тоҷикӣ дар иҷрои Зурафо Шафонова бо маҳорати баланд иҷро гардида, зери кафкӯбиҳои пурмавҷи иштирокдорон пазирой карда шуд. Воқеан, дар миёни ҳунарпешаҳо кам касонеро метавон пайдо кард, ки солҳои тулонӣ дар саҳнаи рақс ҳунарнамоӣ намоянд.

Зиндагии инсон аҷаб шебу фарозҳое дорад. Моҳи сентябри соли 2023 Зурафоро тасодуфан дар пойтахт вохӯрда, аз зиндагии замони гузашта ва имрӯзааш бо ӯ суҳбат оростем. Тасмим гирифтем, аз суҳбат баъзе лаҳзаҳои зиндагиномаи ҳунарпешаи хушсалиқа Зурафо Шафоноваро ба хонандагони арҷманди маҷаллаи “Фирӯза” пешкаш намоем.

Зурафо зиндагии давраи кӯдакиву наврасиашро варақгардон намуда, бо чеҳраи ҳузномез, вале бо меҳру муҳаббати хос аз заҳматҳои модари меҳрубонаш ёдовар гашт. Аз гуфтаи ҳамсуҳбатамон дарёфтем, ки модари ғамхораш 5 фарзандро ба ноз парварида, ҳар якеро соҳиби маълумоти олӣ намудааст. Модараш табъи шеъргӯйӣ ва шеърхонӣ дошту ҳар рӯз пас аз хӯроки шом, ба фарзандон аз классикони адабиёти тоҷику форс шеъру ғазал мехонд, қиссаву ривоят мегуфт, баъзан, суруд замзама мекард. Чунин амали модар дар қалби фарзандон бетаъсир буда наметавонист. Мақсад аз ёдоварии чунин лаҳзаҳои гузаштаи умр ин аст, ки интихоби пайроҳаи Зурафо, яъне дилбохтагӣ ба санъат аз Модари фарҳангпарвараш сарчашма мегирад. Меҳри санъат дар қалби хоҳари дигараш Давлатмо боло гирифту баъди хатми мактаб ба ансамбли “Ганҷина” ба кор қабул шуд.

Вақте ансамбли рақсии “Зебо” таъсис ёфт, Зурафо дар мактаби миёнаи №52-и пойтахт таҳсил мекард. Аз овони наврасӣ Зурафо бисёр мехост овозхон шавад. Маҳфилҳои мактабӣ бе иштироки Зурафо ва апааш Зулайхо намегузаштанд. Дар чорабиниҳои мактаб ӯ сурудҳои Махфират Ҳамроқуловаро иҷро менамуд ва ҳамчунин, ба дигар овозхонҳои дӯстдоштааш Хурмо Ширинова, Муқаддас Набиева, Майсара Дилдорова ва Нуқра Раҳматова моҳирона тақлид мекард.

Барои даъват ба ансамбли рақсии “Зебо” аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радиошунавонӣ миёни духтарони 15-18-сола озмун эълон карда шуд ва ин хабар миёни духтарони наврасу ҷавони пойтахт зуд пахн гардид. Баъди эълони озмун Зурафо тасмим гирифт маҳорати худро дар санъати рақси миллӣ ҳам бисанҷад.

- Талабот ба қабули довталабон ниҳоят сахт ва ҷиддӣ буд, -мегӯяд Зурафо. Ҳангоми қабули духтарон ҳайати ҳакамон ба ҳусн, қаду қомат, андом, чандирӣ, ҳисси хуби мусиқӣ ва ритм таваҷҷуҳ мекарданд.

Аз иҷрои талаботҳои озмун бо сарбаландӣ баромадам, вале то расман ба кор қабул шудан бояд муҳлати озмоиширо мегузаштам. Ва ниҳоят соли 1982 расман ба гурӯҳи рақсии “Зебо” ба кор қабул шудам.

Суҳбати мо бо Зурафо дар бораи муаллима Зебо Аминзода хеле самимӣ ҷараён гирифт. Дар рафти суҳбат ӯ дар бораи устоди хеш бо як меҳр чунин изҳор дошт: – “Ман ҳисоб мекунам, ки дар тинати муаллима Зебо Аминзода сифатҳои хуби роҳбарӣ, аз ҷумла, серталабӣ ва масъулиятшиносӣ хуб эҳсос мегардид, бинобар ин, ба интизом, рафтор ва гуфтори шогирдон таваҷҷуҳи ҷиддӣ намуда, ба корҳои эҷодии худ бо муҳаббат муносибат мекард, Зебо Аминзода ба ҷуз аз роҳбари бадеии гурӯҳи рақсии “Зебо” буданаш, ҳама намуди рақсҳоро низ ба саҳна мегузошт. Пеш аз ба саҳна гузоштани рақс муаллима духтаронро як ҷо ҷамъ карда, мусиқӣ ё сурудро мешунавонд. Баъди шунидани су-

руд мазмуни онро мефаҳмонд, то мо бо дарки мазмуни мусиқӣ ё суруд ҳаракатҳои арғуштро ба ҷо биёрем.

Ба шарофати ҳамин хислатҳои дар боло ишорашудаи муаллима гурӯҳи рақсии "Зебо" на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки дар кишвари паҳноваре шуравӣ ва хориҷ аз он шинохта гардид. "

Зурафо бо фаъолият доштан дар ансамбл, ҳамзамон, дар гурӯҳҳои тайёрии студияи кӯдакона чанд муддат ба омӯзондани сирру нозукиҳои рақс барои духтарони синнашон 8-17-сола машғул буд. Ба шарофати масъулиятшиносӣ ва серталабӣ ҳамчун мураббӣ малакаи хуб пайдо намуда, шогирдони зиёдеро ҳунар омӯхт.

Аз суҳбат бо бону Зурафо маълум гардид, ки бо амри тақдир зиёда аз 20 сол мешавад, ки дар шаҳри Маскави Федератсияи Русия зиндагӣ ихтиёр кардаву аъзои Маркази фарҳангии тоҷикон мебошад. Дар аксар чорабиниҳои фарҳангие, ки аз ҷониби Сафорати Тоҷикистон дар Федератсияи Русия (ш. Маскав) доир мегардад, фаъолона иштирок менамояд. Мактаби Зебо Аминзодаро имрӯз дигар шогирдонаш, ҳамкорони Зурафо аз ансамбли "Зебо" Алла Ефасова (Фасахова) дар Федератсияи Русия ва Наталя Потехина дар Украина мактаби рақси халқҳои ҷаҳонро барои кӯдакон таъсис дода, то ҳол ба кӯдакон нозукиҳои рақсро меомӯзонанд. Ва ин ҳама натиҷаи заҳмати устодонаи Зебо Аминзода ба чунин шогирдон мебошад. Бинобар сабаби зиёд будани шумораи муҳоҷирини тоҷик дар Русия, Зурафо ният дорад бо пайдо шудани имконият гурӯҳи рақси миллии халқҳои Шарқро дар шаҳри Маскав таъсис диҳад.

Зурафо Шафонова соҳиби се фарзанд - ду писару як духтар буда, ҳамаи онҳоро дар руҳияи инсонпарвариву худшиносӣ ва санъатдӯстӣ тарбия намудааст. Шояд ҳамин бошад, ки ҳамаи фарзандон дар ҳамин пайроҳа ҳаммаслак ҳастанд. Писари калониаш рассоми чирадаст






*Зурафо бо духтараш Маҳтоб*

буда, дар санъати чеҳранигорӣ маҳорати баланди касбӣ дорад. Духтараш Маҳтоб ба сурудхонӣ шавқи беандоза дошта, бо садои ҷаззоб бо забонҳои гуногуни хориҷӣ сурудҳоро иҷро мекунад. Маҳтоб бо иштироки худ дар озмуни байналмилалии "ФМР-2022" бо нишон додани истеъдоди баланди сурудхонӣ ва ҳамчун олиҳаи ҳусн ба гирифтани ҷойи аввал шарафёб гашт. Писари хурдиаш – Румӣ, айни замон, дар синфи 11-и мактаби миёнаи шаҳри Маскав таҳсил намуда, ҳангоми фориғ аз дарсҳо ба омӯхтани нозукиҳои навозиши скрипка машғул аст.

Дар ҷараёни муошират огоҳ шудем, ки Зурафо ҳисси баланди ифтихори миллӣ ва меҳри беандоза нисбат ба Ватани хеш дорад. Вай ба рӯйдодҳое, ки дар кишвар мегузаранд, бетафовут нест. Зурафо аз пешрафти кишвар, бахусус, зебо шудани шаҳри Душанбеи азиз, иқдомҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ободонии мамлакат бо эҳсоси баланди ватандӯстӣ ибрози назар намуд.

Тавре Зурафо иброз дошт, дар мавсими ниҳолшинонии имсола ӯ бо шинонидани дарахти чормағз дар мавзеи Ҳакимии дараи Қаратоғ ба орзуи худ расид. Ӯ аз овони наврасӣ орзу дошт, ки ба мисли авлодони гузашта дарахтеро сабзонад, то аз мевааш дигарон бичашанд.

Модараш ҳамеша васият мекард, ки аз одамӣ се нишона мемонад. Ба гуфтаи шоир:

*Барои одамият се нишона,*
*Нахуст фарзанд, дигар бунёди хона,*
*Дарахтеро ба ҳосил парваридан,*
*Бувад ин се нишона ҷовидона.*

Бо навиштани лавҳае аз зиндагиномаи Зурафо Шафонова, ки солиёни зиёд дар пешрафт ва шиносонидани санъати рақси миллии тоҷикӣ миёни дигар халқиятҳо саҳм гузоштааст, иктифо мекунем ва барояш саломатию сарбаландӣ ва муваффақиятҳои эҷодӣ орзумандем.

**Аҷаммеҳр**
*барои маҷаллаи "Фирӯза"*

# РУШДИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**Давлату Ҳукумати Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои густариш бахшидани соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумла, тандурустӣ, маориф, забон, илм ва фарҳанг ҳамвора талош меварзанд.**



Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон, соҳаи маорифро яке аз соҳаҳои афзалиятноки кишвар ҳисобидаву пайваста ҷиҳати беҳтар гардидани он тадбирҳои мушаххас андешида, дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 28 декабри соли 2023 ироа гардид, иброз доштанд, ки “Рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа” ҳисобида мешавад.

Моҳияти таъкиди Роҳбари давлат он аст, ки дар ояндаи наздик омӯзгорон дар омода кардани хонандагони забондон ҷаҳду талоши бештаре намоянд. Зеро донистани забонҳои хориҷӣ барои ҳифзи манфиатҳои миллии мо дар арсаи байналмилалӣ, барои тарғибу ташвиқи бештари илму фарҳанг ва дастовардҳои мардуми тоҷик дар ҳамаи самтҳо, ҳамзамон, огаҳии комил доштан аз ҳама гуна нававариҳои олам мусоидат менамояд.

Дар партави ин суханҳои Пешвои миллат ҳар як фарди ҷомеаро мебояд, дар самти таълиму тарбияи насли навраси имрӯза аз оила сар карда то муассисаҳои таълимӣякҷоя саҳмгузор бошанд. Тавре, ки огаҳӣ дорем, дар кишвари мо “Стратегияи рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030” ва “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030” ба тасвиб расид, ки барои амалӣ намудани дастуру супоришҳои Роҳбари давлат дар соҳаи маориф мусоидат менамояд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар даврони истиқлол бо кӯшишу таваҷҷуҳи ҳамешагии Пешвои муаззами миллат, муассисаҳои таълимӣ аз нав барқарор ва бо техникаву технологияи замонавӣ таъмин гардиданд. Ҳамасола дар ҷумҳурӣ даҳҳо мактаби замонавӣ сохта ба истифода дода мешаванд. Аз ҷумла, давоми соли 2023, шумораи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар 103 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас, қабул ба синфи 1-ум ба 261 ҳазор нафар расидааст. Дар ин давра, 200 муассисаи таълимии нав ва биноҳои иловагӣ барои беш аз 85 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Дар муассисаҳои навбунёд барои таълиму тарбияи хонандагону касбомӯзон, имкониятҳои таълимии ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ фароҳам оварда шудааст.

Воқеан ҳам, дар баробари ин ҳама дастгирию ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат ва Роҳбарияти Олии кишвар ҳар яки моро зарур аст, ки барои беҳтар гардидани таълиму тарбияи насли наврас шабонарӯзӣ заҳмат кашем. Зеро ҳақ ба ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки дар Паёми солонаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28-уми декабри соли 2023 дар баробари баррасии дигар масъалаҳои ҳаётан муҳим, таъкид намуданд, ки «рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад».

**Ҳомидов Фирӯз,**
*омӯзгори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов*

# ЧАРОҒИ МАЪРИФАТ

**Маконе, ки дил кандан аз он душвор аст, ин оила мебошад. Вақте ки ба синни ниҳоӣ мерасему пайи ризқу рӯзи аввалин бор ин макони муқаддасро тарк месозем, парандаи навпарвозеро мемонем, ки аз паридан ба баландиҳо ҳарос дорад.**

Оила такягоҳи мост, ҳар яки мо дар кадом синну соле, ки набошем ба як каф дуои неки модар, панди падар, дилсӯзии хоҳар, маслиҳату машварати бародар ниёз дорем. Аз остонаи оила оғоз мешавад парвози ҳар яки мо ба сӯйи қуллаҳои баланди зиндагӣ.

Баъди хатми Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Муъминобод ҳамроҳи бародарам аз ноҳияи дурдасти Муъминобод ба маркази ҷумҳуриамон - шаҳри Душанбе омадем. Ман ҳам мисли бародарам Амонов Ҷурабек, ки табиби оилавӣ мебошад аз овони ҷавони орзуи табиб шуданро дар дил мепарваридам. Сипас, ба тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ дохил шуда, сазовори номи пуршарафи донишҷӯ гаштам, ки хушҳолиам ҳадду канор надошт.

Рӯзҳои сар шудани дарсро сахт интизорӣ мекашидаму хайёлбофиҳои зиёде мекардам. Билохир, интизориам ба поён расиду дарсҳоям оғоз шуданд.

Азбаски волидайнам нафақахӯр ҳастанд, маслиҳат доданд, ки дар хобгоҳи Коллеҷи тиббӣ истиқомат кунам, то ки хотири онҳо ҷамъ бошад. Ман мехостам бо ҳамсабақон, ки аз дигар минтақаҳои ҷумҳуриамон барои таҳсил меоянд аз наздик шинос шавäму аз урфу одат ва анъанаҳои якдигар бохабар гардему аз ҳамдигар чизе омӯзем. Бароям зистан дар хобгоҳ ҳамроҳи ҳамсабақон хӯшоянд бошад ҳам, хеле дар ҳаяҷон будам, зеро ҷудо шудан аз оилаву одат кардан ба як макони нав бароям осон набуд.

Вақте, ки ману бародарам ба саҳни хобгоҳ ворид шудем, дар даромадгоҳи он моро роҳбарияти хобгоҳ пешвоз гирифтанд. Мудири хобгоҳро Амирҷон Зокиров гӯён ба мо шинос намуданд.

Ӯ моро бо меҳрубонӣ қабул намуда, бо ҳуҷраи хоб таъмин намуд.

Хобгоҳ бо тамоми таҷҳизоту шароитҳои хуби замонавӣ таъмин буд. Мо хурсанд шудем, ки минбаъд дар чунин бинои зебою барҳаво истиқомат мекунем. Баъд аз ҷобаҷо шудан, бародарам бо хотири ҷамъ ба деҳа баргашт. Ман баъд аз рафтани ӯ хело ғамгин шудам. Нохост чашми Амирҷон Зокиров ба ман афтоду ба наздаш ҷеғ зада, чунин насиҳат кард: Духтарам ба ман гӯш кун. Ту дар инҷо танҳо нестӣ ба мисли ту духтарону писарони хуштолеъ, ки сазовори номи донишҷӯ шудаанд, хеле бисёранд. Агар ту хоҳӣ, ки волидайнат бо ту бифахранд илм омӯз, соҳибкасб шав, то ки дар оила ва ҷомеа шахси арзанда шавӣ. Ман аз панди падаронаи он кас ором шуда, ба назди духтарон баргаштам. Баъди насиҳатҳои ин шахси меҳрубону ғамхор, чароғи илму маърифат диламро боз ҳам шуълавар кард.

Суханҳои мудири хобгоҳро сармашқи кори хеш дониста фақат мутолиа менамудаму дониш меандӯхтам. Ҳоло тули ду сол аст, ки дар ин гулбоғи зебо ҳамчун як



**Холисамои Ҷумахон,**
*донишҷӯи курси дуюми КМД*

ниҳол парвариш меёбам. Бо ҳамсабақонам унс гирифта, якҷоя дарс тайёр мекунем. Дар хобгоҳ ба ғайр аз дониш андӯхтан, боз ба омӯзиши касбу ҳунар ва кадбонугӣ машғул мешавем. Хуллас, вақти худро беҳуда намегузаронем. Вақтҳои фориғ аз дарс дар китобхонаи хобгоҳ ба мутолиаи китобҳои бадеӣ машғул мешавем.

Ман дар назди худ вазифа гузоштам, ки дар яке аз озмунҳои ҷумҳуриявӣ иштирок варзам. Дар озмунҳои китоби "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ва "Беҳтарин донандаи асарҳои Пешвои миллат" иштирок намудам. Ҳамчунин, гирандаи стипендияи олии Коллеҷи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошам. Албатта дар донишандӯзию соҳибтахассус гаштанам саҳми устодони Коллеҷи тиббӣ хеле зиёд аст. Ман миннатдории худро бо камоли эҳтиром ба устодон Раъно Гадоева, Маърифат Назарова, Дилангези Раҷаб ва Амирҷон Авазов иброз дошта, аз директори Коллеҷи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфуллозода Шаҳло Ашуриён ва мудири хобгоҳ Амирҷон Зокиров сипосгузорам, зеро маҳз, бо дастгирии онҳо мо донишҷӯён имрӯз дар беҳтарин шароит зиндагӣ намуда, дар омӯхтани илму дониш аз ҳеҷ чиз танқисӣ намекашем.

Суханҳои нек ва панду насиҳати ин шахсони ҳалиму меҳрубон ҳисси ватандӯстию худшиносиро дар дилу мафкураи мо донишҷӯён таҳким мебахшад.

Шаҳло Ашуриён мудом дар ҳар як ҷамъомаду чорабиниҳое, ки бо донишҷӯён мегузаронад, моро талқин месозад, ки илм омӯзему дар оянда табибони арзандаи замони худ гардем. Ӯ мегӯяд, одами соҳибилм монанди моҳи дурахшонест дар осмони пурситора. Аз ин рӯ, мо донишҷӯён кӯшиш менамоем, то ин ки чароғи илму маърифатро доимо фурӯзон нигоҳ дорем.

# ЭКСТРЕМИЗМ (ИФРОТГАРОӢ) ВА ОҚИБАТҲОИ НОМУСОИДИ ОН

**Гарчанде аз замони созишу Ваҳдати миллӣ (27 июн соли 1997) 27 сол сипарӣ шуда, тайи ин солҳо мардуми шарифи Тоҷикистон ҳаёти орому осоишта ба сар мебарад, вале ҳанӯз ҳам гурӯҳҳое мавҷуданд, ки тамоюли каҷрафторӣ дошта, мехоҳанд, ки кишвари азизи моро дубора ба гирдоби фалокат кашида, онро ба вартаи ҳалокат баранд.**



*Холинова Мижгона Муборакшоевна,*
*мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқ факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

Диққати қудратҳои бузурги ҷаҳониро, ки ҳар яке дорои манфиат ва ҳадафҳои геополитикии худ ҳастанд, сарватҳои зеризаминӣ, қувваи кории арзон ва маҳсулоти хоми Осиёи Марказӣ бешак ҷалб намудааст. Барои расидан ба ҳадафҳои худ онҳо аз тамоми роҳу усулҳои имконпазир истифода мебаранд. Дар ин заминаи бархурди қудратҳо ва расидан ба ҳадафҳои бузург онҳо суистифода аз ҳисси динӣ ва неруҳои диниро меҳвари асосии сиёсати таҷовузкоронаи худ қарор медиҳанд.

Мутаассифона, солҳои охир гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои тундрав ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷомеаи Тоҷикистонро низ, хеле ба ташвиш андохтаанд.

Ҳизбу ҳаракатҳои гумроҳи такфирӣ ва ғайримуқаллидони ифротӣ аз камомӯзиву камдонишӣ (алалхусус донишҳои динӣ), надоштани ҷаҳонбинии илмӣ ва динӣ, бо истифода аз шабакаҳои иттилоотӣ (интернет), нодида гирифтани самараи истиқлолият, сулҳу субот ва оромии ҷомеа, бепарвоӣ ва бетарафии бархе аз аъзоёни ҷомеа, алалхусус ҷавонон истифода намуда дар байни онҳо тарғиботу ташвиқот бурда, мақсадҳои ғаразноку нопоки худро пиёда месозанд.

Заминаҳои асосии ифротгароӣ бедонишӣ ва таассуб маҳсуб меёбанд. Нодонӣ ҳамеша дар пайи худ ҷаҳолату бозмондагӣ ва рӯ овардан ба хурофотро ба бор оварда, сабабгори пайдо гардидани чунин зуҳуротҳои номатлуби ҷомеа, чун экстремизм (ифротгароӣ) ва терроризм мегардад.

Ин нуктаҳои калидиро ташкилот ва ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) ба хубӣ дарк намуда, онро барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки гурӯҳҳои худ кайҳо боз истифода мебаранд.

Бо истифода аз ин омилҳо онҳо аз рафторҳои ноҷавонмардонаи худ шарм накарда, арзишҳои олии давлату миллатро нодида гирифта, тавассути роҳҳо ва василаҳои гуногун ҷиҳати барангехтани тухми низоъ дар миёни мардум, даъват ба ноороми, бенизомию бетартибӣ, дигаркунии сохти конститутсионии давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, кинаю адоват, нафрату бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва таҳдид ба суботу оромии ҷамъияту давлат, тавассути шабакаҳои локалӣ, паҳн намудани варақаҳои таблиғотӣ, дастгирию кумакҳои моддӣ, фаро гирифтани ҷавонон ба таҳсили ройгон ё аз ҳисоби худ фиристодан барои таҳсил ба давлатҳои дигар ва ҳазорҳо тарзу усулҳои дигар ақидаҳои ғаразноки худро тарғибу ташвиқ менамоянд.

Пеш аз он, ки мо ба муҳтавои мафҳуми «экстремизм» (ифротгароӣ) бирасем, муҳим он аст, ки мазмуни онро кушода равшан намоем.

Дар ҳар давру замон олимон, муҳаққиқон, ҳуқуқшиносон, сиёсатмадорон ходимони илмӣ ва динии мамлакатҳои гуногун кӯшиш ба харҷ додаанд, ки ба маънои экстремизм равшанӣ андозанд.

Масалан олимони англис доктор Питер Т. Коулман ва доктор Андреа Бартоли дар китоби худ «Дар мавриди экстремизм» (Addressing Extremism) шарҳи мухтасари ин истилоҳро чунин додаанд: «Экстремизм- асосан ин як зуҳуроти мураккаби ҷомеа буда, новобаста аз он, ки мо аслияти ин зуҳуротро нодида мегирем, аммо боз ҳам дар аксар ҳолат дарки амиқи моҳият ва муҳтавои ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа барои мо мураккаб аст».

Аз ин рӯ, муайян намудани мафҳуми экстремизм аз ҳама осонтар чунин аст, ки онро ҳамчун ҳаракат, муносибат бо чизе, ё бо касе эҳсосот ва ё эътиқоди шахсе маънидод намудан мумкин аст, ки аз тартибу талаботи қоидаҳои умумиқабулшуда дур ва ё дар канор буда, нисбати он назари ниҳой дорад.

Дар аксар ҳолат чунин ашхос кӯшиш менамоянд, ки аз қоидаҳои умумиқабулшуда берун баромада, қазияро бо як тарзи ғайримуқаррарӣ яъне бераҳмона (сахт, ҷиддӣ) ҳал намоянд ва чунин ҳалли қазияро ба тарафи дигар ё дигарон намоиш диҳанд (масалан аз ҷониби намояндагони давлати ба ном исломӣ бераҳмона ба қатл расонидани асирон). Одатан фаъолияти экстремистӣ дар аксар вақт ба таҷовуз вобастагӣ дорад.

Экстремизм – аз калимаи лотинии («extremus») гирифта шуда, маъноаш пайравӣ ба назария ва чорабиниҳои ифротӣ (хусусан дар сиёсат), тарафдори ақидаи қатъӣ ва ифротӣ, ифротталабӣ мебошад.

Агар ин вожаро дар забони англисӣ нигарем чунин омадааст: «экстремизм - аз калимаи «Extremism» гирифта шуда, маъноаш каноргирӣ, дар канор будан, ниҳоӣ, назари ниҳоӣ доштан, алалхусус назари ниҳой доштанро нисбати сиёсат мефаҳмонад».

Аммо аз тарафи дигар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003, мафҳуми экстремизмро ба таври саҳеҳ шарҳ додааст, ки мутобиқи моддаи 3 он «Экстремизм – ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабӣ мебошад».

Ҳамчунин дар ифодаи тоҷикӣ вожаи экстремизм ба истилоҳи «ифротгароӣ» низ, нисбат дода шудааст. Ифротгароӣ аз решаи калимаи арабии «фарт» гирифта шуда, маъноаш аз ҳад (андоза) гузаштан дар коре, аз ҳадди эътидол гузаштан (гузарондан), дар коре зиёдаравӣ кардан мебошад.

Феълан экстремизм дар мазмуни сиёсӣ ва динӣ бештар зуҳур намудааст.

Дар ҳар сурат экстремизм яке аз зуҳуротҳои номатлуби ҷаҳони муосир ба ҳисоб рафта, дар ибтидои қарни 21 хислати ҷаҳонӣ касб карда, на танҳо барои кишварҳои алоҳида ё минтақаҳои муайян, балки хатари умумиинсониро дар сайёра ба бор овардааст. Экстремизм ҳамчун зуҳуроти мураккаби сиёсию иҷтимоӣ дар ҳар давру замон ба ҳар давлату сохтори иҷтимоӣ зиёну зарари худро расонидааст.

Дар замони муосир, ки илму техника ба суръати кайҳонӣ пеш меравад, мо ҷавононро зарур аст, ки пойбанди расму оинҳои хурофотӣ набошем ва ҳадди аксар кӯшиш намоем, ки то ҳамқадами замон шуда, аз дастовардҳои илмию техникӣ огоҳӣ дошта бошем ва ҷаҳонбинии хешро дар ин замина такмил диҳем. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: "Ҷавонони азиз! Ояндаи Тоҷикистон дар дасти Шумост, биёед ба ҷаҳониён исбот намоед, ки миллати тоҷик-миллати сулҳпарвару меҳанпараст мебошад ва кӯшиш намоед, ки истиқлолияти миллати худро то абад ҷовидон нигоҳ доред ва зиракии сиёсиро аз даст надиҳед". Ҷавобан, ба ин гуфтаҳои сарвари давлат чавонон, бояд ки масъулияти тақдири давлат ва миллатро бар дӯши худ гирифта, халқамонро ҳамеша дар муттаҳидӣ ва бо бунёдкориву созандагӣ раҳнамо сохта, истиқлоли кишвари азизамонро чун гавҳараки чашм нигоҳ доранд. Барои пешгирӣ ва бартараф кардани хатари ифротгароӣ, пеш аз ҳама аз нигоҳи илмӣ омӯхтан ва ташхису бартараф кардани як қатор омилҳо зарур мебошад. Пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароиву террористӣ имрӯзҳо ҳадафи ягонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст. Ҳоло яке аз масъалаҳои муҳим, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошад.

Мутаассифона бархе аз ҷавонон пойбанди расму оинҳои хурофотӣ шуда, туъмаи гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои тундрав гардидаанд. Ин гурӯҳҳои нолоиқи ҷомеа аз бедонишӣ ва таассуби динии ҷавонони камхабар аз омӯзаҳои исломӣ истифода намуда, ба бовариашон даромада, онҳоро мағзшуйӣ намуда, ба манфиати гурӯҳҳои худ истифода мебаранд.

Хулоса барои комилан несту нобуд сохтани идеологияи иртиҷоии бемазҳабони гумроҳи такфирӣ ва ғайримуқаллидони ифротӣ тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла олимону донишмандон, муаллимону дигар зиёиёни кишвар, алалхусус кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, инчунин уламои исломии суннатии кишвар бояд фаъол бошанд.

Бедории миллӣ ва худшиносии мазҳабӣ беҳтарин зарбаи сангин ва миёншикан дар камари ҳаракатҳои экстремистӣ мебошад.

# ШАГОМ МАРШ ОТ ТУЧНОСТИ

**Сегодня модно быть подтянутым, стройным. Количество обладателей модной спортивной одежды вовсе не соответствует числу занимающихся спортом. Если вы увидели своего соседа в новых кроссовках и ярком спортивном костюме, то скорее всего он собрался в поход за хлебом, в гараж или прогулять свою любимую собаку.**



Когда я узнаю, сколько километров надо пробежать человеку, чтобы израсходовать калории от порции мороженого с вареньем, я прихожу к мысли, что это бесполезно.

Вы можете поступить и по другому. Вы израсходуете эти же калории, если проспите 15 часов или посмотрите телевизор 12 часов. Организм – как мотор, который работает все время, даже когда человек ничего не делает. Чем быстрее работает мотор, тем больше ему требуется топлива.

Если же снабжение топливом сокращается (не поступает достаточного количества калорий с пищей), то специальный внутренний регулятор уменьшает обороты мотора в состоянии покоя. Теперь находящееся в распоряжении организма топливо сгорает медленнее. Такая реакция помогает организму выжить в условиях голодания, но сводит на нет усилия человека, старающегося потерять в весе с помощью ограничения пищи.

### МОЖНО ЛИ ПРЕДОТВРАТИТЬ ЭТУ РЕАКЦИЮ?

Активность ускоряет обменные процессы в организме. Во время физических упражнений сгорает больше калорий, и этот эффект потом длится еще несколько часов. Именно поэтому большинство людей чувствуют себя более энергичными, когда занимаются физической работой. Регулярные занятия физическими упражнениями способствуют потере в весе за счет увеличения скорости обменных процессов; калории сгорают быстрее.

### СКОЛЬКО МНЕ НЕОБХОДИМО КАЛОРИЙ?

Приблизительно расчет можно сделать так. Умножьте ваш вес в кг на 22 – это будет количество калорий в день, необходимое для поддержания жизнедеятельности вашего организма в состоянии покоя (основной обмен). Добавьте к этому калории, расходуемые на различные виды активности; обычно у ведущего малоподвижный образ жизни человека они составляют в среднем 30% от основого обмена. Сложив эти две величины, вы узнаете, какое количество калорий вы должны получать с пищей каждый день для поддержания своего веса.

К примеру, ваш вес 68 кг. Значит, на основной обмен вам потребуется 1500 калорий, на различные виды активности – 450 калорий, а в сумме – 1950 калорий в день.

Чтобы потерять в весе, вам необходимо достичь отрицательного энергетического баланса: либо вы снижаете количество поступающих в организм калорий (меньше едите), либо увеличиваете количество расходуемых калорий (становитесь более активным). Только тогда ваш организм будет вынужден сжигать резервное топливо – жировые запасы тела. Но почему бы не объединить эти два способа? Если вы будете получать меньше калорий с пищей и увеличите их расход с помощью физических упражнений, то уровень вашего основого обмена останется достаточно высоким, а вес будет постепенно уменьшаться.

### КАКОЕ ФИЗИЧЕСКОЕ УПРАЖНЕНИЕ САМОЕ ЛУЧШЕЕ?

Самым лучшим и безопасным упражнением является ходьба; следом за ней идёт плавание. Люди, находящиеся в неплохой спортивной форме, могут себе позволить и более энергичные виды активности.начните потихоньку не спеша с того, что вам по силам.

Некоторым людям приходиться начинать с ходьбы по 5 минут несколько раз в день. Следует учитывать, что при ходьбе на одно и тоже расстояние человек, несущий на себе 25кг лишнего веса, потратит больше калорий, чем обремененный лишь 10 килограммами.

Если вы хотите стать стройными – приготовтесь! Скомандуйте сами себе: «Шагом марш! Начните свой уход от тучности и продалжайте шагать всю дальнейшую жизнь.

**«Фирӯза»**

# САФЕДШАВИИ МӮЙ – РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ



Бо мурури замон меланин, яъне миқдори моддаи рангдиҳандаи организм кам мешавад ва сафедшавии мӯй оғоз меёбад. Табибон бар он андешаанд, ки сафедшавии мӯйи сар то синни 30-солагӣ нишонаи иллатҳои дар ҷисми инсон нуҳуфтааст. Яъне дар ин сину сол мо бояд ба саломатии худ диққати хосса диҳем. Сафедшавии бармаҳали мӯйи сар ҳамчунин нишонаи бемориҳои вазнини кӯҳнаи узвҳои ҳозима азҷумла, - дилу рагҳои хунгард, стреси кӯҳнашуда буда метавонад.

Вазъиятҳои шадиди стресӣ боиси ихтирооти якбораи рагҳои мағзи сар ва рагҳои хурде, ки ҳар як тори мӯйро бо ғизо таъмин месозад мегардад ва дар натиҷа як қисми мӯй рехта, қисми дигарашон сафед мешавад. Нафароне, ки стресшавӣ, яъне садамаи равониро аз сар гузаронидаанд, мӯйи сарашон якбора нею кам-кам сафед шудан мегиранд. Боз як сабаби сафедшавии мӯйи сар дар нарасидани сафеда ба организм аст. Дар бонувони синни 17-25 сола сафедшавии мӯйи сар пеш аз ҳама ба норасои сафеда дар ҷисмашон вобастагӣ дорад, бинобар ин занҳо бояд ҳатман хӯрокҳои аз витаминҳои гурӯҳи Б бойро истеъмол нмоянд. Мувофиқи омор қариб 30% - ҳодисаҳои сафедшавии бармаҳали мӯйи сарро табобат кардан мумкин аст. Хусусан дар ҳолтҳои аз сар гузаронидани стрес, баъди таваллуди фарзанд ё бо сабаби ягон моҷарои оилавӣ мӯйи сар сафед шуда бошад, баъди ба таҷлил омадани ҳолати равонӣ, ё хуб гаштани зиндагиашон мӯйи сар боз сиёҳ мешавад. Беҳтар мебуд, ки занҳо сафедшавии мӯйи сарро қаблан пешгирӣ намоянд. Ғизои дуруст истеъмол карда ҳаёти оромонаро пеш баранд. Дар фасли зимистон сари луч нагарданд, инчунин дар интихоби шампун ва маҳлулҳои ороиши мӯй ба реклама нею ба маслиҳати мутахассис гуш андозанд.

Барои пешгирии сафедшавии мӯйи сар шумо метавонед, ҳамчунин аз дастурҳои халқӣ, ки ба ҳама дастрасанд, истифода намоед. Ҳар рӯз як маротиба 2-3 қошуқи калон шарбати решаи ҷаъфарӣ (петрушка)-ро нӯшед. Барои пешгирӣ ва табобати мӯйи сари сафедшуда шарбати меваҳои зардолу, олуболу, нок, қулфинай, карами сафед ва пиёз манфиатбахш аст. Барои мубориза бо сафедшавии мӯйи сар ва баланд бардоштани муқовимати ҷисм метавонед витаминҳои гуруҳи А,С,Е ва В-ро истеъмол




намоед. Барқарор намудани ранги аввали мӯйи сар хеле душвор аст, бинобар ин қаблан нигоҳубини дурусти мӯйҳоятонро ба роҳ монед, ба ҳеҷ ваҷҳ мӯйи сафедшударо аз саратон канда напартоед, ҳар дафъа мӯй сафедшударо канда шумораашонро зиёдтар месозед. Аз мӯйи сафед халос шудан хоҳед, беҳтараш бо кайчии хӯрдакак онро бурида гиред.

Ин буд бонувони азиз якчанд маслиҳати мо баҳри пешгирии сафедшавии бармаҳали гесувони шумо.

**Нилуфар Раҳмонова**

# МЕҲМОНПАЗИРОӢ
# ВА ОЙИНИ ДАСТОРХОНДОРӢ



Дар фарҳанги мардуми мо одобу ахлоқ ва таомулу ойини меҳмонпазироӣ, дасторхондорӣ ва суннати меҳмониравӣ ҷойгоҳи худро соҳибанд, вале ҳанӯз ҳам ба мушоҳада мерасад, ки дар бисёр ҳолатҳои раванди ин маросим камбуд ва нуқсонҳои зиёде ҷой доранд. Пазироии меҳмон ҳунари ҷолиб ва истеъдоди фавқулодаест. Зимнан таомулҳои мардумие вобаста ба меҳмонпазироӣ ва гусели меҳмонон роиҷанд, ки ҳарчанд ба назар дар навбати аввал содаву одӣ вонамуд шаванд ҳам, вале дар асл амалан дар фарҳанги мардумӣ ҷойгоҳе хос доранд: дар баъзе маҳалҳои тоҷикнишин ба китфи меҳмон (ё меҳмонон)-и омада орд мепошиданд, ки башорат аз хайра мақдам аст; дар даврони пешин маъмулан меҳмон бо роҳилаи хеш (асп ё хар) ташриф меоварад. Соҳибхона мукаллаф буд, савории ӯро ҷой диҳад ва бо ҷаву алафу об таъмин созад; қариб дар тамоми мавзеъҳои тоҷикнишин мураввиҷ аст, ки нахуст духтари хонаи хонавода ё келини хонадон аввал пойафзори меҳмонро пок карда, баъдан онҳоро рӯ ба сӯи дар муназзам мечинад, ба ибораи мардумӣ, «кафши онҳоро пеш мемонад»; пас аз гусели меҳмонон фавран хонаву ҳавлиро намерӯбанд, бад-ин манзур мекӯшанд то аз хоб хестани меҳмон, субҳи барвақт ин корро анҷом диҳанд. Чунин маросиму таомулу одатҳо маъмулан байни мардуми деҳот ба наҳваҳои гуногуни дигар низ роиҷанд, ки ниёз ба омӯзиш ва тафсир доранд.

Меҳмонпазироӣ ва меҳмониравӣ аслан бар ду навъанд: яке он ки соҳибхона хешу ақрабо, дӯстон, пайвандон, ашхоси муътабар, ҳамкасбон ва ё ҳамсоягонашро ба муносибати хурсандие дар ин хонадон даъват мекунад. Дигар ин ки нафароне ё хеш бошанд, ё на, бидуни даъват ташриф меоранд, яъне меҳмони «нохонда» ва «нохоста». Ба ҳар сурат мардуми меҳмоннавози моро масале маъруф аст, ки «меҳмон атои Худост». Муҳиммият ва аҳаммияти ин таомули неку писандида он аст, ки дар меҳмониравию меҳмонпазироӣ диду боздиди хушу гуворо ва суҳбатҳои самимиву дилнишину хотирмон ба амал омада, ихлосу сипос нисбат ба ҳамдигар дучандон афзунтар мегарданд, зеро масали дигари муносиби ин ҳоли мардуми мо «муҳаббату меҳр дар чашм зоҳир мегардад» хеле хуш садо медиҳад. Дар ҳолатҳои меҳмонпазироӣ боз чандин ҷиҳатҳои пурназофати чашмгир ҷилвагаранд, ки ҳар яке тақозои таваҷҷуҳи хоссаро доранд. Хонсолорие, ки ба он танҳо мардони миёнасин ва мӯйсафедон даъват шудаанд, меҳмонпазирое, ки дар он фақат занон иштирок доранд, мизбоние, ки танҳо барои ҷавонон созмон дода шудааст ва ё меҳмондории махлут, ки дар он ҳам ҷавонони ҳар ду ҷинс, ҳам миёнасинҳо ва ҳамчунин пирмардҳову пирзанҳо низ иштирок доранд. Вобаста ба ҳамин ҳузури ақшорӣ феҳристи таомҳо – меню муқаррар мешавад ва мавриди амалкард қарор мегирад. Тибқи таомули шарқӣ ва бахусус расми мардуми тоҷик ба меҳмонӣ «дасти холӣ» намераванд. Маъмулан занҳо дасторхоне мебаранд, ки дар он кулча (аслан кулича), фатир, нон, ё ягон чизи дигари дастпухт ё аз дуконе харидашуда «печондаанд». Пас аз хатми меҳмонӣ соҳибхона низ ҳатман дар дасторхонашон чизе гузошта гусел мекунад. Хонсолорӣ ё худ мизбониву меҳмонпазироӣ ҳам ҳунару истеъдод асту ҳам санъату фарҳанг, ҳамчунин маърифат.

*«Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик»*





# ТОҶИКОНА МЕПӮШЕМ







# АНВОЪДӮЛМА

Таоми лазизу гуворо ва серғизо, ки аз анвои гуногуни дӯлмаҳо пухта мешавад. Яъне ин навъи таом маҷмӯи дӯлмаҳо (дӯлмаи қаламфури булғорӣ, дӯлмаи помидор, карамдӯлма, дӯлмаи баргитокӣ) мебошад, ки дар як замон дар ҳамҷоягӣ пухта мешаванду ба дасторхон дар як табақ гузошта мешаванд. Тарзи омода кардани ин навъи таом назди таббохони машҳур ба ҳар тариқ аст, вале маъруфтарини он бад-ин навъ аст:



## Дӯлмаҳо


Қаламфури булғорӣ


Помидор


Барги карам


Барги ток

## Таркиботи қимаҳо


400-500 г гӯшти майда резакарда-шуда


100 г дунба


0,5 пиёла биринҷ


4 дона бехпиёз


Намак ва адвиёт муво-фиқи табъ

## Барои шӯрбои он


300-400 г гӯшти устухондор


3-4 дона картошка


1-2 дона сабзӣ (зардак)


1 дона бехпиёз


Намак ва адвиёт муво-фиқи табъ


1 пиёла нахӯди таршуда


0,5 пиёла равғани наботӣ

# ОЧОРИ КАРАМ



Барои ин навъи очор баргҳои болоии карамро канда, решаашро бурида партофта, баъд реза мекунанд (бараш аз 5 мм зиёд набошад) ва дар оби ҷӯш 1 дақиқа нигоҳ медоранд. Сипас, сард карда, ба болои он маҳлул мерезанд, Барои он ки карам маҳлулро нағз ба худ ҷаббад, як қисми маҳлулро ба таги банка рехта, карамро мегузоранд, баъд маҳлули боқимондаро аз болояш мерезанд.

Миқдори зиёди карамро дар чалак, бочкаи чӯбӣ, ё зарфи сирдор дар намак мехобонанд. Барои очоронидан фақат карами сафед, бахусус, навъҳои миёна ва дерпазаки он истифода мешаванд. Барои очоронидан баргҳои сабзу осебдидаи карамро канда мепартоянд, карамро шуста пора мекунанд ва ба чалак ё зарфи сирдор андохта зер мекунанд. Ба он намак ва сабзии аз турбтароши сӯрохҳояш калон гузаронидаро меандозанд. Пеш аз ба зарфҳо андохтан, карамро намак зада, дар зарфи чӯбин мушт мекунанд. Сипас, карамро ба чалак ё зарфи сирдор андохта, рӯяшро бо баргҳои сабз ё суф мепӯшанд, сарпӯши чӯбин ва аз болои он ягон чизи вазнин (маъмулан, санги тоза шусташуда) мегузоранд. Дар зери фишори бор карам фурӯ менишинад ва бо намакоб пӯшида мешавад, агар намакоб пайдо нашавад, борро зиёдтар мемонанд, чунки карам бе намакоб зуд вайрон мешавад. Кислотаи ширӣ, ки дар рафти туршшавӣ ҳосил мегардад, ба карам таъми хуш бахшида, ба инкишофи микроорганизмҳои пӯсонанда монеъ мешавад ва боиси муддати зиёд нигоҳ доштани карам мегардад.

Давомнокии туршшавии карам ба ҳарорат вобаста аст. Дар ҳарорати 16–18ºС карам дар давоми 10 рӯз намакандуда мешавад. Ҳамин ки ҳубобчаҳо пайдо шуданд, бо чӯби тоза байни карампораҳоро то қаъри зарф сӯрох мекунанд, то ин ки гази он барояд (баъди 2 рӯз ин корро боз такрор мекунанд). Дар рафти туршшавӣ карам бояд ранги сафед ё зарди каҳрабоӣ гирад, ранги тирагуни намакоб бояд мусаффо гардад. Баъди он ки карам аз кафккунӣ бозмонд, сангу матоъ ва сарпӯшу сангро мегиранд ва карамро ба ҷои хунук (масалан, таххона) мекӯчонанду ин дафъа ба болояш бори сабуктар мемонанд. Карами намакхӯрдаро дар зери фишори бор ва намакоб, инчунин дар ҷои хунук нигоҳ медоранд. Караме, ки аз намакоб гирифта мешавад, ба зудӣ витамини С-и таркибаш кам мешавад.

Карами намаккардаро ҳамчун газак ва гарнир, инчунин барои омода кардани салат, пухтани карамшӯрбо истифода мебаранд.

Барои 10 кг карами поккарда 200 г намак, 300–400 г сабзӣ, 1–2 барги ғор лозим аст. Дар сурати сербориш ва хунук омадани тобистону тирамоҳ, миқдори қанди карам камтар мешавад, аз ин сабаб, ба чунин карам шакар ҳамроҳ мекунанд (100 г шакар ба 10 кг карам). Ба 10 кг карам ҳамроҳ кардани 100–150 г зира онро хуштаъм мекунад.

**«Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик»**


МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ
«ФИРӮЗА»
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932

Муассис:
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**
Мавҷуда Саид



**МУШОВИРОН:**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**
*Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ**
*Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

**Сатториён Матлубахон Амонзода**
*Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Хайринисо Юсуфӣ**
*Муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Сафарзода Давлат Шариф**
Муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зулфия Атоӣ**
Шоири халқии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

Муҳиддин Олимов
*Муовини сармуҳаррир*

Зулфияи Шариф
*Котиби масъул*

*Муҳаррирон:*
Сарвар Урозова
Одил Соҳибзода
Марям Холиқзода
Сайрам Ҳикматова
Шоиста Исматзода
Сорбон Асрор

Заур Дахте
*Суратгир*
Фурӯзонфар Неъматов
*Дизайнер*



**НИШОНИИ ИДОРА:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 34
тел./факс: 221-55-64 / 227-65-88
E-mail: firuza_tojikiston@mail.ru

Андозаи 60x84 1/8.
ҷузъи чопӣ 4.
Дар матбааи ЧДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.



Масъулияти саҳеҳии арқом, санаду иқтибос ба зиммаи муаллифон аст.
Дар ин шумора баъзе хабару гузоришҳо ва аксҳо аз расонаҳои Интернет истифода шудаанд.

Нашри маводди маҷаллаи «Фирӯза» бе иҷозат мамнуъ аст!



# БА МАҶАЛЛАИ «ФИРӮЗА»
# БАРОИ СОЛИ 2024 ОБУНА ШАВЕД!

*Хонандагони азиз!*

*Маҷаллаи «Фирӯза» инъикосгари ҳаёт, фаъолият ва баёнгари зиндагии ибратомӯзи шумост! Розу ниёзшунав ва маслиҳатгару ҳамдили шумост!*

*«Фирӯза» ҳамсуҳбатест, ки ба шумо шеъру достон мехонад, қиссаву ҳикоя мекунад, чун оина чеҳраҳоятонро ба тозагиву зебоӣ менамояд, ҳунару эҷод ва мавқеи шуморо дар ҷамъият чун намунаи ибрат тарғиб мекунад.*

*«Фирӯза» беш аз 90 сол аст, ки по ба пойи шумо қадам мебардорад, бо шукргузорӣ аз озодиву Истиқлоли давлатӣ васфи дастовардҳои Ватанро мекунад.*

*Барои дар сатҳи баланд нашр шудани маҷалла саҳми ҳар яки шумо ҳалкунанда мебошад. Моро дастгирӣ намоед ва ба маҷаллаи занони Тоҷикистон «Фирӯза» обуна шавед!*

*Обуна дар тамоми шуъбаҳои Департаменти «Почтаи Тоҷикистон» қабул карда мешавад.*

*Индекси обуна 77543*

*Арзиши обунаи солона 180 сомонӣ, тариқи почта 205 сомонӣ.*

*Агар маблағро бевосита ба суратҳисоби маҷаллаи «Фирӯза» интиқол кардан хоҳед, суратҳисоби мо чунин аст:*

*Р/С 20202972700621101000*
*МФО 350101626*
*К/С 20402972316264*
*РЯМ 030002727*
*Инд. 734025*
*Департаменти Хазинадории*
*БДА ҶТ «Амонатбонк»*
*С/М МД маҷаллаи «Фирӯза»*